آوازتاجیک

*Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад*

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991)

# Овози тоҷик

*Бани одам аъзои якдигаранд!*

24 феврали соли 2024
Шанбе
№ 16 (15027)

e-mail:
ovozitoj@umail.uz,
ovozi@list.ru

## МАСЪАЛАҲОИ БО КОР ТАЪМИН НАМУДАНИ ҶАВОНОН МУҲОКИМА ГАРДИДАНД

***Президент Шавкат Мирзиёев 23 феврал доир ба масъалаҳои бо кор таъмин намудани ҷавонон маҷлис барпо намуд.***

Ҷавонон дар сиёсати пурқувватри иҷтимоии давлатамон самти афзалиятнок ба шумор меравад. Ба таълими сифатноки ҷавонон ва соҳиби касб гардидани онҳо, дастгирии ташаббусҳояшон эътибори доимӣ дода мешавад. Дар ҳар як маҳалла «Барномаи шуғли ҷавонон» ба амал татбиқ гардида, «Олимпиадаи панҷ ташаббус», «Корвони маданият» ва ҷашнвораҳои мухталиф ба вуқӯъ мепайванданд.

21 феврали соли ҷорӣ бо фармони Президент Барномаи давлатӣ оид ба татбиқи Стратегияи «Ўзбекистон – 2030» дар «Соли дастгирии ҷавонон ва тиҷорат» тасдиқ карда шуд. Дар он чандин вазифа оид ба ҳалли мушкилоти ҷавонон ва ба амал татбиқ намудани потенсиали онҳо, бо кор таъмин намудан бо роҳи омӯзондани касбҳои зарурӣ муайян карда шудааст.

Аз он ҷумла, имсол 925 ҳазор ҷавонон бо кор бояд таъмин гарданд. Ғайр аз ин, 300 ҳазор ҷавонон коллеҷ, техникум ва муассисаҳои олии таълимиро хатм менамоянд.

Дар ҷамъомад масъалаҳои бо кор таъмин намудан, омӯзондани касбҳои замонавӣ ба ҷавонон ва ба соҳибкорӣ ҷалб кардани онҳо муҳокима гардиданд.

Таъкид шуд, ки имконоти иловагӣ барои тиҷорати ҷавонон ба вуҷуд оварда мешавад. Ба ин мақсадҳо на камтар аз 40 фоизи кредите, ки дар доираи барномаи соҳибкории оилавӣ ҷудо карда мешавад, равон мегардад. Озмунҳои «Соҳибкори ҷавон» баргузор гардида, ғолибон бо беҳтарин лоиҳа ва ғояҳои тиҷоратӣ ба хориҷи кишвар барои такмили ихтисос фиристода мешаванд.

Шахсони масъул дар бораи нақшаҳои бо кор таъмин намудани 100 ҳазор нафар ҷавонон дар лоиҳаҳои нави саноатӣ, 150 ҳазор дар соҳаи хидматрасонӣ ва инчунин 200 ҳазор нафар аз тариқи легализатсияи ҷойҳои корӣ ва худбандкунӣ маълумот доданд.

Дар айни ҳол соҳаи истиқболнок барои ҷавонон технологияи рақамӣ ба шумор меравад. Аз ин рӯ дар барномаи давлатӣ татбиқ намудани лоиҳаи «Ду барномасоз аз ҳар як маҳалла» пешбинӣ гаштааст. Ғайр аз ин, бо кор таъмин намудани 70 ҳазор нафар ҷавонон дар соҳаи технологияи иттилоотӣ ба нақша гирифта шудааст.

Таъкид шуд, ки барои ин ифшо намудани иқтидори ҷавонон, кумак ба онҳо дар омӯхтани ихтисосҳои IT ва забонҳои хориҷӣ ногузир мебошад, ки дар ин бобат ба ҳокимон фармоишҳои марбут дода шуд.

Аз тариқи лоиҳаи «Фарзандони Ибрат»-и Агентӣ оид ба кор бо ҷавонон 1 миллион бачагон ба забонҳои хориҷӣ ба тариқи ройгон таълим дода мешаванд. Биноҳое, ки дар мактабҳо истифода намегарданд, ба ихтиёри репетиторҳои забонҳои хориҷӣ ва марказҳои таълим бепул вогузошта мешаванд. Сад маркази таълими хусусӣ дар ноҳияҳои деҳот, ки даромоти баланди хонандагонро доранд, барои иҷораи бино дар тӯли то шаш моҳ ҷубронпулӣ мегиранд.

Инчунин ба ҷавононе, ки дар курсҳои хусусӣ таҳсил намуда, соҳиби сертификати дараҷаи «С1» мебошанд, харҷи таҳсил, барои дарёфт намудани сертификати дараҷаи «В2» оид ба забонҳои немисӣ, фаронсавӣ, куриёӣ, ҷопонӣ ва чинӣ – хароҷот барои касб намудани сертификат сарпур карда мешавад. Боз як навгонӣ он аст, ки нафақат харҷ барои имтиҳонсупорӣ барои дарёфти сертификат ҷуброн карда мешавад, балки пардохти шашмоҳаи таълим низ дода мешавад.

Дар доираи лоиҳаи «Устод» 250 ҳазор нафар ҷавонон ба 30 касби замонавӣ, мисли маркетинг, реклама, савдои электронӣ, IT-дизайн таълим дода мешаванд.

Дар соҳаи хоҷагии қишлоқ барои таъмини аҳолӣ бо шуғл имконоти васеъ вуҷуд дорад. Дар солҳои охир бо ин мақсад 200 ҳазор гектар замин, ки аз кишти пахта ва ғалладона озод гаштааст, дар байни аҳолӣ барои ба роҳ андохтани хоҷагии фермерӣ тақсим карда шуд. Имсол ба ҷавонон ҷудо намудани боз 60 ҳазору 500 гектар дар назар дошта шудааст.

Таъкид гардид, ки барои босамар тақсим намудани замин тартиби нав ҷорӣ карда мешавад. Ҳамин тариқ, ҳокимони ноҳияҳо барои ҷудо намудани қитъаҳо дар маҳалҳои таъминоти обаш хуб ҷавоб хоҳанд дод. «Ҳафтгона»-и маҳалла пешниҳод менамояд, ки ба ҳар як ҷавон чӣ қадар замин бояд ҷудо карда шавад. Ҷавононе, ки соҳиби замин мегарданд, дар бобати парвариши навъҳои маҳсулоти хоҷагии қишлоқи баландҳосил дар «Мактаби фермерҳо»-и Агробонк таҳсил менамоянд. Барои хариди мини-техника, тухмӣ ва ниҳол субсид аз фонди «дафтари ҷавонон» ва Фонди фермерҳо ҷудо карда мешавад. Фермерони ҷавон бо содиркунандагон ва корхонаҳои азнавкоркард ҳамкорӣ хоҳанд кард. Ғайр аз ин, ба ҳамкории соҳаи меваву сабзавот кредит то 2 миллиард сӯм пешниҳод мегардад.

Дар ҷамъомад иҷрои Фармони Президенти Ўзбекистон «Дар бораи чорабиниҳои иловагӣ оид ба такмил додани тартиби ба иҷора додани қитъаҳои замини таъиноти кишоварзӣ» аз 18 январи соли ҷорӣ баррасӣ гардид. Фармон ба онлайн-аукцион гузоштани 15 ҳазору 625 гектар замини хоҷагии қишлоқро дар 156 ноҳия муайян намудааст.

Роҳбари давлат аҳамияти ҷудо намудани ин заминҳоро дар маҳалҳое, ки ба маконҳои аҳолинишин наздик буда, таъминоти об ва ҳосилнокиашон хуб аст, барои парвариши навъҳои ба содирот мунҷаршуда дар асоси ҳамкорӣ таъкид намуд. Дар назди ҳокимон вазифаи васеъ намудани кор оид ба азхуд кардани замин ва дар пойгоҳи онҳо фароҳам овардани ҷойҳои корӣ гузошта шуд.

Дар ҷамъомад маърӯзаҳои шахсони масъул оид ба масъалаҳои муҳокимагардида шунида шуд.

**ЎзА.**

## БА НОМИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ЎЗБЕКИСТОН ШАВКАТ МИРЗИЁЕВ

***мактуби миннатдории Пешвои миллии халқи туркман, Раиси Халқ Маслаҳатии Туркманистон Гурбангулӣ Бердимуҳамедов ба муносибати қабули қарори Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон дар бораи васеъ ҷашн гирифтани 300-солагии Махтумқулӣ Фироқӣ дар Ўзбекистон расид***

**Ба Аълоҳазрат**
**ҷаноби Шавкат Мирзиёев,**
**Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон**
**Муҳтарам Шавкат Миромонович!**
**Бародари азиз!**

Пеш аз ҳама мехостам, ки Шуморо гарм истиқбол намоям ва миннатдории амиқро барои саҳми шахсии бузургатон дар кори рушд ва мустаҳкам намудани муносибати дӯстона, бародарӣ ва некҳамсоягии байни Туркманистон ва Ҷумҳурии Ўзбекистон изҳор намоям.

Мисоли равшани ин аз ҷониби Шумо қабул гардидани қарор дар бораи васеъ ҷашн гирифтани 300-солагии шоир ва мутафаккири бузурги туркман Махтумқулӣ Фироқӣ дар Ўзбекистон гардид.

Суханони Шуморо дар бораи нақши барҷастаи Махтумқулӣ Фироқӣ дар таърихи адабиёт ва маданияти ҷаҳонӣ чун маърифатпарвар ва инсонпарвар пурра ҷонибдорӣ менамоям, ки бо эҷодиёт ва мероси фалсафии худ аз хазинаи маънавии инсоният абадӣ ҷой гирифтааст. Ва албатта мо ҳамеша бо ҳисси алоҳидаи миннатдорӣ ва ифтихор дар бораи саҳми бузурги Махтумқулӣ дар бунёди пойгоҳи бародарӣ, дӯстии халқҳои туркману ўзбек ҳарф мезанем, ки ба як сарнавишт муттаҳид намудааст.

Дар шарҳи ҳол ва эҷодиёти Махтумқулӣ Ўзбекистон ҷойгоҳи махсус дорад. Дар Хева таълим гирифта, таърихи Ўзбекистонро ба хубӣ омӯхта, ӯ ба ин сарзамин бо муҳаббати самимӣ, эҳтироми амиқ ва таваҷҷуҳ ба халқу анъанаҳои он ворид гардид.

Табиист, ки ҳоло ашъори Махтумқулӣ ба забони ўзбекӣ садо медиҳад, дар мактабу донишгоҳҳои Ўзбекистон омӯзонда мешавад. Мисли ин ки дар Туркманистон шоир, мутафаккир ва олимон Алишер Навоӣ, Мирзо Улуғбек, Муниси Хоразмиро медонанд ва эҳтиром мекунанд.

Ман мутмаинам, ки васеъ ҷашн гирифтани 300-солагии Махтумқулӣ Фироқӣ дар Ўзбекистон боз як зуҳури халалнопазирии риштаҳои бародаронаи байни халқ ва давлатҳоямон, муштаракоти сарнавишти таърихии онҳо, ягонагӣ ва омодагиамон барои ҳамеша якҷоя будан мегардад.

Бори дигар хоҳишмандам, ки барои қарори қабулшуда миннатдории маро бипазиред.

Аз фурсат истифода намуда, ба Шумо тансиҳатии комил, фараҳмандӣ, дар фаъолияти давлатӣ ва сиёсии Шумо муваффақиятҳои нав, ба халқи Ўзбекистон сулҳ ва шукуфоиро орзумандам.

Бо эҳтироми амиқ,

**Гурбангулӣ БЕРДИМУҲАМЕДОВ,**
**Пешвои миллии халқи туркман,**
**Раиси Халқ Маслаҳатии**
**Туркманистон**



## ТУҲФАҲОИ ХАЙРИЯ БА КЎДАКИСТОНҲО СУПУРДА ШУД

***Агентии таълими томактабӣ якҷоя бо клуби хоккейи «Ҳумо» 9 феврали соли равон дар Қасри яхбандии бисёрсоҳаи «HUMO arena» бозии хайрияи хоккей ташкил намуданд. Ин бозӣ байни тимҳои хоккейи “Ҳумо” – «Ақтобе» (Қазоқистон) ба вуқӯъ пайваст.***

Тамоми маблағе, ки дар доираи ин бозӣ ҷамъоварӣ гардид, барои харидани туҳфаҳо сарф карда шуд.

Ин туҳфаҳо дар доираи як чорабинии доманфарох ба кӯдакони хонаводаҳои камтаъмин, имкониятҳояшон маҳдуд ва маъюбоне супурда шуд, ки дар муассисаҳои таълими томактабии шаҳри Чирчиқ, ноҳияи Қибрай ва як қатор ноҳияҳои дигари вилояти Тошканд ба таълиму тарбия фаро гирифта шудаанд. Инчунин аз ин туҳфаҳои хайрия як гурӯҳ кӯдакони гирифтори ташхиси бемории вазнин низ баҳраманд гардиданд, ки дар айни ҳол мавриди муолиҷаи тиббӣ қарор доранд.

Дар охири бозӣ «Борони бозичаҳо» ташкил карда шуд, ки дар маҷмӯъ, аз 1 ҳазору 300 бозича ҷамъоварӣ карда шуд ва маблағи зиёд низ ба даст омад. Ин маблағ низ барои харидани бозичаҳои гуногун масраф гардид.

Намояндагони Агентии таълими томактабӣ ва клуби “Ҳумо” дар идомаи ин чорабинӣ ба шифохонаҳои бемориҳои онкологии ҷумҳурӣ ва шаҳри Тошканд низ ташриф оварданд. Дар асноӣ он як қисми маблағи ҷамъоваришуда ва бозичаҳои зиёд ба ин бемористонҳо тақдим гардид.

Идомаи ин корҳои хайр дар муассисаҳои таълимии томактабӣ идома дорад. Хусусан, як қисми бозичаҳои аз бозии хайрия бадастомада ба муассисаҳои таълими томактабии Ҷумҳурии Қароқалпоқистон низ интиқол хоҳанд ёфт.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**мухбири**
**“Овози тоҷик”.**

## ҲАШАР – КОРИ МУФИД

***Одамон ин анъанаи азалиро идома бахшида, дар рӯзҳои моҳи ахири фасли сармо роҳу роҳравҳоро аз барф тоза мекунанд.***

Барф зинати зимистон аст, мегӯянд мардуми мо. Он манбаи обу ободист. Барф борад, замин кӯрпаи сапед ба бар мекунад. Қуллаҳо барфпӯш мегарданду баҳорон боиси серобии чашмаву сойҳо. Баҳри боғот, обёрии киштув кор об захира мешавад. Бо вуҷуди ин ҳар як фасл махсусиятҳои худро дорад. Миёни онҳо мардум ба зимистон бештар тайёрӣ мебинанд. Баҳри ҳалли осони мушкилиҳои сармо талош меварзанд. Бештари ин корҳо бо роҳи ҳашар анҷом дода мешавад.

Гарчӣ зоҳиран ба назар чунин менамояд, ки ҳашар як андоза аз хотирҳо зудуда гардидааст, аммо боиси хушҳолист, ки дар деҳот барои бартараф сохтани мушкилиҳои рӯзи сармо дастҷамъона кӯшиш ба харҷ медиҳанд. Масалан, роҳҳоро аз барф тоза мекунанд. Дар ҳар як рустову маҳалла сарқорону пешвоён бевосита ташаббус зоҳир менамоянд. Дар деҳаи кӯҳии Ўхми ноҳияи Фориш бар ивази қариб се миллиард сӯм маблағ дарозии беш аз панҷ километр роҳҳои дохилӣ асфалтпӯш карда шуд. Имрӯзҳо бошад роҳҳоро аз барф тоза менамоянд. Дар ин гуна корҳои хайру савоб аз солхӯрдагони корозмудаи деҳа Хурсандбой Зарифов, Шавқибой Мақсадов, Абдулло Сироҷов, ронандагон Озод Азимов, Ўрал Ҷиянов, Шерзод Бозоровҳо ба ҷавонон намунаи ибратанд.

Дар маркази ноҳия – шаҳраки Боғдон низ ходимони садорати ободонӣ бо техникаҳои махсус ва белҳо роҳу роҳравҳоро аз барф тоза мекунанд. Равуои мошинҳо ва одамон осон мегардад.

**Анорбой НАЗАРОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти ҶИЗЗАХ.*



*Маҷмааи мурғпарварии «Камол Қӯчқоров файз», ки дар гӯшаи дурдасти ноҳияи Фурқати вилояти Фарғона фаъолият дорад, истеҳсолотро тибқи технологияи Олмон ба роҳ мондааст.*

*Фермери соҳибтаҷриба мегӯяд, ки дар мурғпарварӣ технологияи Олмон бартариҳои зиёд дорад. Ҷараёни кор сад фоиз автоматӣ кунонида шудааст. Албатта, дар афзун гардидани саршумори мурғҳо зоти онҳо низ нақши муҳим мебозад. Аз ин рӯ, дар ин ҷо бино ба тавсияи ҳамкасбони олмонӣ мурғони зотии «Ломан» парвариш карда мешаванд.*

*Айни ҳол дар маҷмааe, ки 12 нафар фаъолият доранд, беш аз 40 ҳазор сар мурғони зотдор парвариш ёфта, аз онҳо рӯзе 30-35 ҳазор тухм барои қонеъ гардонидани ниёзи аҳолӣ интиқол дода мешавад.*

***Дар акс:*** *дар маҷмааи мурғпарварии мазкур.*

***Аксбардор: Муқимҷон ҚОДИРОВ (ЎзА).***

***Маҳалла ба инсон меомӯзад, ки бо ҷомеа ҳамоҳанг ба сар барад. Он маъвои муқаддасест, ки ба гиреҳ хӯрдани риштаҳои меҳру оқибат, таҳаммулпазирӣ, дӯстиву ҳамкорӣ, камоли инсон ва рушди ҷамъият хидмат мекунад.***

## ҲИСОРИ ОСОИШУ НЕКУАҲВОЛӢ

Сохтори маҳалла ба аҳолӣ ҳар қадар наздик бошад, бо ғаму ташвиши мардум ба сар барад, ҳамеша дар хидмати онҳо бошад, боварии одамон ба ин институт бештар мегардад. Натиҷаи ислоҳот, дигаргуниҳои руҳдодаистода ва кайфияти аҳолӣ қабл аз ҳама дар маҳалла эҳсос карда мешавад.

Ҳоло ба рушди маҳаллаҳо давраи нав оғоз ёфтааст. Хусусан, ба сифати зинаи нав нақши институти маҳалла бобати ҳалли мушкилоти аҳолӣ дар ҷамъият афзоиш ёфта, «ҳафтгонаи маҳалла» созмон дода шудааст, ки ба он раиси маҳалла, ёвари ҳоким, фаъоли занону духтарон, пешбари ҷавонон, инспектори профилактика, ходими андоз ва хидмати иҷтимоӣ шомиланд.

Президентамон ҳангоми ташриф ба вилояти Андиҷон бо шароити зиндагии одамон дар маҳаллаи Янги Ҳаёти шаҳри Хонобод ошно гардид. Дар ин маҳалла беш аз 3 ҳазору 500 нафар аҳолӣ умр ба сар мебарад. Дар муассисаҳои таълими томактабӣ, мактабӣ ва коллеҷҳо барои таълими хуб шароити мусоид фароҳам оварда шудааст.

Дигаргунӣ ва навгониҳое, ки имрӯз дар ин минтақа рӯй медиҳанд, шигифтангезанд. Мушкилоте, ки тӯли солҳо одамонро ба андеша водор мекард, ҳаллу фасл мегарданд. Дар ин ҷо беш аз даҳ меҳмонхонаи хусусӣ, қариб бист дукони савдо, сартарошхона ва шуъбаҳои хидматрасонӣ фаъолият доранд.

Мушкилоти иҷтимоии маҳалла пасупеш ҳал мегардад. Корҳое, ки бино ба ободонии ҳар ҳавлию кӯча ва баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии халқ анҷом дода мешаванд, сабаби хушҳолии аҳли маҳалла мегардад. Аз ҳама муҳимаш, одамон аз ҳаёти худ розиянд, боварии онҳо ба давлату оянда таҳким меёбад.

Ҳар як маҳалла дорои имконият, урфу одат ва талабу дархостҳои сокинони худ аст. Биноан, дар ҷамъомаде, ки доир ба муҳокимаи масоили рушди иқтисодию иҷтимоии вилояти Андиҷон баргузор гардид, вазифаҳои устувори рушди институти маҳалла муайян гардиданд.

Минбаъд бино ба ободонӣ ва кабудизоркунии маҳаллаҳо таҷрибаи Андиҷон рӯйи кор хоҳад омад. Барномае бино ба ихтисосонидани онҳо ба меваю сабзавот, чорводорӣ, ҳунармандӣ, хонакорӣ, саноат, савдо ва хидмат ба амал татбиқ карда хоҳад шуд. Ин барнома ҷавонон ва занону духтарони бекорро ба ҷунбиш меоварад, онҳоро ба фаъолшавӣ даъват менамояд.

Фикр мекунем, баъди ташрифи Президент ба вилоят садҳо лоиаҳои нав ба амал татбиқ мешаванд, ҳазорон ҷойи нави корӣ ба вуҷуд оварда хоҳад шуд, аз ҳама муҳимаш, сатҳи некуаҳволии халқ баланд мегардад. Мо — намояндагони халқ, яъне депутатҳо бобати иҷрои саривақтии вазифаҳои пешбинишуда, камари ҳиммат хоҳем баст.

**Тӯлқин КАРИМОВ,**
**депутати Палатаи**
**қонунгузории**
**Олий Маҷлис.**

# ТИРБАНДИИ РОҲ ВА МУШКИЛОТИ НАҚЛИЁТИ ҶАМЪИЯТИРО ВАЗОРАТ ЧӢ ХЕЛ ҲАЛ МЕКУНАД?

***Президент Шавкат Мирзиёев корҳоеро, ки оид ба коҳиш додани тирбандии роҳ, беҳтар гардондани хидмати нақлиёти ҷамъиятӣ амалӣ мегарданд, зери тозиёнаи танқид гирифт. Камбудиҳо як ба як номбар карда, кори масъулон дар ин бобат ғайриқаноатбахш дониста шуд.***



Аз ин эътирози ҳақдор ҳоло фурсати зиёд нагузаштааст. 29 январи соли ҷорӣ дар ҷамъомади видеоселекторӣ, ки таҳти раёсати Сарвари давлатамон оид ба вазифаҳои устуворе, ки бояд дар соҳаҳои манзил, сохтмон, хоҷагии коммуналӣ, нақлиёт ва экология ба амал баровардa шаванд, баргузор гардид, дар ин бобат сухан рафт.

Ҳангоме ки сухан перомуни масъалаҳои марбут ба тирбандии роҳ ва нақлиёти ҷамъиятӣ рафт, ба вазири нақлиёт Илҳом Маҳкамов, муовини аввали ӯ Маманбий Омаров ва дигар шахсони масъул ҳайфиту эълон карда шуд. Ҳамчунин зикр гардид, ки ин охирин ҳушдор барои онҳост.

Пас сабабҳои асосии мушкилот дар чист. Дар ҳалли онҳо кадом хулосаву равиш муҳим аст? Мо бо ин гуна саволҳо ва ҷиҳатҳои мавзӯъ ба нуқтаи назари **муовини якуми вазири нақлиёти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Маманбий Омаров** таваҷҷуҳ зоҳир намудем.

– Солҳои охир дар кишварамон оид ба ислоҳоти куллии соҳаи нақлиёт як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул гардида, механизмҳои таъмини аҳолӣ бо хидматрасонии босифат ва кафолатноки нақлиёт фароҳам оварда шуданд. Тамоми маҳалҳои истиқоматии ҷумҳурӣ ҳаматарафа мавриди санҷиш қарор гирифта, маълум гардид, ки зиёда аз 10 ҳазор маҳаллаи истиқоматӣ 1113-тоаш бо нақлиёт фаро гирифта нашудааст ва дар 1081-тоаш равуои нақлиёти автомобилии ҷамъиятӣ ба роҳ монда шуд, – мегӯяд Маманбий Омаров. – Дар ин бобат барои маълумот зикр намоем, роҳе, ки ба 32 нуқтаи аҳолинишин мебарад, бо нақлиёти ҷамъиятӣ фаро гирифта нашудааст, чунки сифати роҳ ба талаби бехатарии ҳаракат ҷавоб намедиҳад. Ин роҳҳо ба барномаи таъмир даровардa шуданд.

Боз як ҷиҳат ин аст, ки иқтидор, қулайӣ ва бехатарии аксари нақлиёти дар хатсайрҳои мавҷуд ҳаракаткунанда ба талабот ҷавобгӯ нест.

Масалан, имрӯз ҳиссаи нақлиёти автомобилии «Дамас» дар саросари ҷумҳурӣ 72 фоизро ташкил медиҳад.

Муайян карда шуд, ки барои нав кардани хатсайрҳои мавҷуда (зиёда аз даҳ сол), зиёд кардани иқтидори онҳо (бо автобус ва микроавтобусҳо иваз кардани «Дамас»), фарогирии хатсайрҳое, ки фаъолият нишон намедиҳанд, иловагӣ зиёда аз 4200 автобус ва беш аз 5500 микроавтобус зарур аст.

Имрӯз дар асоси талаботи аҳолӣ хатсайрҳои мавҷудаи ҳар як минтақа аз нав дида баромада шуда, шабакаҳои нави хатсайрӣ таҳия карда шудаанд. Ба ин муносибат дар соли ҷорӣ таъмини харидӣ 2000 автобус ва 2000 микроавтобус барои нақлиёти ҷамъиятии вилоятҳо муҳимтарин вазифа мебошад.

Барои маълумот зикр намоем, дар соли 2023 қариб 2000 автобус ва 1000 микроавтобус харид шуда буд. Имрӯзҳо хатсайрҳо дар асоси тамоюли «Аз маҳаллаи деҳа – ба маркази ноҳия, аз маркази ноҳия – ба маркази вилоят» ташаккул дода мешавад. Самти мазкур тавассути платформаи электронии «Тендери электронӣ» тибқи озмуни шаффоф гузаронда, ба соҳибкорон вобаста карда мешавад.

**– Дар ҷамъомад гуфта шуд, ки на ҳамаи автобусҳое, ки бояд ба вилоят оварда шаванд, оварда нашудаанд. Корҳои ҷорӣ кардани низоми маблағгузории нақлиёти мусофирбар дар шаҳрҳои Андиҷон, Самарқанд, Намангон, Қаршӣ ва Урганҷ дар асоси шартномаи брутто ба охир расонда нашудааст. Дар ин бобат нақшаҳо чӣ тавр сурат гирифта буд?**

– Пеш аз ҳама бояд гуфт, ки низоми «Брутто-шартнома», ки соли гузашта ҷорӣ шуда буд, механизми маблағгузории кафолатноки интиқолдиҳандагон ва хидматрасонии босифатро ба мусофирон фароҳам овард. Ҷорӣ намудани низоми «Брутто-шартнома» пеш аз ҳама дар шаҳри Тошканд асоси кори пурсамари автобусҳои ҳозиразамон гардид.

Масалан, фосилаи автобусҳо ду-се баробар кам шуда, ҳоло 8-10 дақиқаро ташкил медиҳад (пеш 8-20 дақиқа буд), мусофиркашонии рӯзона 1,7 баробар зиёд шуда, ба 1 миллион нафар расид. Барои муқоиса бояд қайд кард, ки қаблан рӯзе 650 ҳазор нафар мусофир кашонда мешуд.

Метавонам илова кунам, ки бо мақсади фароҳам овардани қулайиҳои бештар барои фаъолияти нақлиёти ҷамъиятӣ дар пойтахти мо 48,2 километр хати алоҳида ташкил карда шудааст. Дар чанд марҳила дар асоси 11 шоҳроҳ, 14 ҳалқа, 96 пайвандкунанда ва 46 расондадиҳанда, ҳамагӣ 167 самти нави хатсайр озмунҳои электронии тендерӣ гузаронда шуданд.

Ин корҳо дар шаҳрҳои Урганҷ, Андиҷон, Қаршӣ, Нукус ва Намангон то 1 март ва дар дигар шаҳрҳо аз 1 июл дар ҳамкорӣ бо ҳокимиятҳои маҳаллӣ анҷом дода мешаванд.

Дар натиҷа дар нақлиёти ҷамъиятии шаҳр хидмати босифати ҳамлу нақл, даст кашидан аз ҷадвали ҳаррӯза, ҷамъоварии пурраи роҳкиро, хидмати мутамаркази диспетчерӣ ва низоми шаффофи маблағгузорӣ таъмин карда хоҳад шуд.

Дар бобати шаҳрҳои калони ҷумҳурии мо бошад, ҳоло дар чортои онҳо «Нақшаи маҳорати нақлиёт» таҳия гардида, дар 17-тои боқимонда пешбинӣ шудааст, ки то 1 апрели соли ҷорӣ анҷом дода шавад.

Агар, дар бораи иншооти инфрасохтори нақлиёти ҷамъиятӣ сухан ронем, он фаъолияти ба воситаи автовокзали марказҳои вилоятҳо ва автовокзали ноҳияҳо ба роҳ монда шудааст. Ба нақша гирифта шудааст, ки автостансияҳо дар Бухоро ва Намангон аз нав сохта, дар Қаршӣ, Навоӣ, Тирмиз, Гулистон ва Фарғона ба дараҷаи талаб оварда шаванд. Ба ғайр аз ин, боз дар 47 ноҳия бунёд намудани автостансия ба нақша гирифта шудааст.

**– Дар ҷаласае, ки таҳти раёсати сарвари давлатамон баргузор шуд, қайд гардид, ки ҳарчанд корхонаи тобеи низоми Вазорати нақлиёт барои сафарҳои байналмилалӣ 167 автобус дошта бошад ҳам, корхона наметавонад бо бахши хусусӣ ва ҳамлу нақли кишварҳои ҳамсоя рақобат кунад. Кадом ҷиҳатҳоеро номбар карда метавонед, ки дар ин бобат бояд бартараф карда шаванд?**

– Дар ҳақиқат яке аз самтҳои муҳим ин хатсайри автобусҳои байналмилалӣ мебошад. Дар ин бобат дар маҷмӯъ 32 хатсайри нави мунтазами автобусҳои байналмилалӣ ба Тоҷикистон 4, ба Қирғизистон 5, ба Қазоқистон 18 ва ба Русия 5 роҳандозӣ шуда, дар соли гузашта ба 411 ҳазор мусофир хидмат расонда шудааст.

Соли ҷорӣ дар назар дошта шудааст, ки шумораи хатсайрҳои мунтазами автобусҳои байналмилалӣ ду баробар зиёд карда шавад. Баъдан ба Федератсияи Русия ҳамагӣ 10 хатсайри байналмилалии автобусҳо ҳаракат мекунанд. Бо ин мақсад корхонаи ҶММ «Ӯзавтотранссервис», ки асосан дар хатсайрҳои байналмилалӣ фаъолият мекунад, бо ҷалби бахши хусусӣ аз ҷиҳати молиявӣ мустаҳкам шуда, автобазаи нави хидматрасонӣ таъсис дода мешавад.

Сабаби қатъ ёфтани ҳаракати автобусҳо аз водӣ дар он аст, ки ҳамлу нақли мултимодалии як чипта, ки бо Русия мепайвандад, ташкил карда мешавад. Яъне, аз шаҳри Андиҷон то шаҳри Тошканд самти роҳи оҳан, аз Тошканд ба Маскав ҳаракати автобус, Андиҷон, Тошканд, Маскав самти мултимодалӣ ба роҳ монда мешавад.

**– Зарурати барҳам додан ба равишҳои куҳна дар низоми роҳҳо талаби замон аст. Равишҳои куҳнае, ки Президент дар ҷамъомад дар назар дошт, дар чиҳо намоён мешаванд?**

– Пеш аз ҳама бояд таъкид кард, ки қарори имзокардаи сарвари давлатамон оид ба ислоҳоти соҳаи роҳ тамоми масъалаҳои марбут ба соҳаро фаро гирифта, самти ҳалношуда вуҷуд надорад. Дар ин асос ба панҷ самт эътибори алоҳида нигаронда шуд – сифат, лоиҳасозӣ дар асоси инноватсионӣ, азхудкунии маблағҳои ҷудошуда ва рақамисозӣ.

Якум, сифати роҳҳои нақлиёти автомобилии сохташаванда ва ҷавобгӯ будан ба талаботи техникӣ ба низоми назорате, ки ҳангоми сохтмони роҳ муқаррар карда шудааст, вобаста аст. Дар ин соҳа дар назди вазорат Инспексияи назорати нақлиёт ташкил карда шуда, барои он тамоми ваколатҳо амиқ муайян карда шуданд. Соли ҷорӣ системаи иттилоотии «Назорати сифати роҳ» таҳия карда ва бо маркази идоракунии лоиҳаҳои «Ҳукумати электронӣ», системаҳои иттилоотии «Сохтмони шаффоф» ва «Назорати ягонаи давлатӣ» муттаҳид карда, ба кор даровардa мешавад.

Дар натиҷаи ба кор даромадани ин система тамоми равандҳо аз бақайдгирии иншооти роҳсозӣ то қабул ба истифода рақамӣ гардонда хоҳад шуд. Имкони аз низом дар шакли электронӣ омӯхтан, амалӣ намудани назорати ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ ва хулосаҳои экспертии объектҳои сохтмони роҳ, назорати техникӣ, муаллифӣ ва дохилӣ, инчунин маълумот дар бораи корҳои дар объект иҷрошуда, ҳуҷҷатҳои иҷро фароҳам оварда мешавад.

Инчунин дар Донишкадаи бозомӯзии кадрҳои назди Вазорати нақлиёт тибқи барномаи таълимӣ, ки дар асоси талаботи Федератсияи байналмилалии муҳандисони машваратӣ – «FIDIC» тасдиқ шудааст, такмили ихтисоси кормандони идораи роҳҳо, кумитаи роҳҳои автомобилгард ва инспекторони инспексияи назорати нақлиёт мунтазам ба роҳ монда мешаванд.

**– Ба Вазорати нақлиёт супориш дода шуд, ки имсол барои гузоштани камаш 30 тарозуи нақлиётӣ чора бинад. Қарор шуд, ки лоиҳаҳои пилотӣ дар ҳар як вилоят оғоз карда шаванд. Ин дар оянда чӣ гуна имкониятҳоро фароҳам меорад?**

– Назорати риояи параметрҳои ба вазн ва ҳаҷми роҳ додашудаи нақлиёти автомобилӣ дар ҳудуди ҷумҳурӣ вазифаи муҳим аст. Имрӯз ҷамъ 9 тарозуи статсионарӣ (сетоаш дар ҳоли анҷомёбист) ва 15 тарозуи сайёр, ки параметрҳои вазн ва ҳаҷмро ҳангоми ҳаракати мошинҳои боркаш бидуни омили инсонӣ автоматӣ муайян мекунанд, насб карда шудаанд.

Дар баробари ин дар солҳои 2024-2026 дар Ҷумҳурии Қароқалпоқистон ва вилоятҳо 44 тарозуҳои замонавӣ, аз ҷумла тарозухонаҳои низоми «WIM», ки ҳангоми ҳаракати нақлиёти автомобилии боркаш вазн ва андозаҳои ҳаҷмро аниқ менамояд, насб карда мешаванд. Ин албатта, имкони муайян намудани вазну ҳаҷми автомобилҳои боркаш, таҳлил намудани онро фароҳам меорад.

**– Дар шаҳри Тошканд тирбандии роҳ ба мушкилии калон табдил меёбад. Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон оид ба таҳияи пешниҳодҳо бобати мушкили тирбандӣ бо назардошти муносибати системавӣ супоришҳо дод.**

– Тавре ки шумо зикр кардед, имрӯз яке аз мушкилоти асосии пойтахти мо тирбандии нақлиёт аст. Муносибати илмӣ дар такмил ва рушди инфрасохтори роҳи нақлиёт муҳим ба ҳисоб меравад.

Аз ин рӯ, дар заминаи равиши илмӣ ба ташкил кардани Маркази ташкил ва идоракунии ҳаракати назди ҳокимияти шаҳри Тошканд таваҷҷуҳи хоса зоҳир карда мешавад. Дар натиҷа барои дуруст ташкил кардани ҳаракати нақлиёт, ба танзим овардани инфрасохтор ва афзалият додан ба нақлиёти ҷамъиятӣ эътибори алоҳида дода мешавад.

**– Дар кадом самтҳои дигар низоми камбудиҳое мушоҳида шуданд, ки боиси вокуниши танқидии Президент дар ҷаласа гардиданд ва аз онҳо чӣ гуна хулоса баровардa шуд?**

– Дар баробари корҳое, ки имрӯз дар соҳа анҷом дода шудаанд, мушкилот ва камбудиҳо низ вуҷуд доранд, ки ҳалли худро интизоранд. Бояд эътироф кард, ки аз сабаби пурра истифода набурдани имкониятҳои мавҷуда дар баъзе самтҳо ба саҳлангорӣ роҳ дода шуд.

Ба ҳамин муносибат имсол ба бо усули нав ба роҳ мондани системаи кор, якҷоя бо корхонаҳои хурду калони соҳаи нақлиёт, пеш аз ҳама, аз ҳисоби истифода бурдан аз захираҳои дохилӣ ба ҳаҷму сифати хидмати нақлиёт диққати махсус дода мешавад.

Мо аз вазифа ва супоришҳои дар ҷамъомад ба миён гузошташуда хулоса баровардем. Бо мақсади бартараф намудани мушкилоти мавҷуда мо ба ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ ба нақлиёт ва инфрасохтори роҳ ҳамчун вазифаҳои асосии рушди соҳаи нақлиёт дар соли 2024 таваҷҷуҳ зоҳир мекунем. Мо барои қонеъ гардондани эҳтиёҷот ва талаботи соҳаҳои хоҷагии халқ ва аҳолӣ ба нақлиёт чораҳои амалӣ мебинем.

Ғайр аз ин, мо миқдор ва ҷуғрофияи хатсайрҳои дохилиро оид ба воситаҳои нақлиёт зиёд мекунем. Сифати ҳамлу нақл беҳтар шуда, лоиҳаҳои азим оид ба рушди долонҳои нақлиётии байналмилалӣ суръат бахшида мешаванд. Ба мақсади баланд бардоштани салоҳияти транзитии мамлакатамон, дар бозори нақлиёт ва хидмати логистика коҳиш додани ҳиссаи иқтисодиёти хуфиёна, инчунин гирифтани пеши роҳи коррупсия тезондани чараёни рақамисозӣ ба назар гирифта шудааст.

Бо мақсади беҳтар гардондани сифати сохтмони роҳ ва таъмин кардани бехатарии мусофирон ҷорӣ намудани низоми назорати қатъӣ яке аз вазифаҳои муҳими мо хоҳад буд.

Суҳбатнигор
**Абдулазиз РУСТАМОВ,**
**мухбири ЎзА.**

---

*Пас аз сафари Президент...*

# МАРКАЗИ ХИДМАТИ ФОСИЛАВӢ БА ТАЪМИНИ ШУҒЛИ ҶАВОНОН МУСОИДАТ МЕКУНАД

***Тӯли солҳои охир дар вилояти Андиҷон соҳибкорӣ, сайёҳӣ ва хидматрасонӣ босуръат инкишоф меёбад. Вале таҳлили вазъият нишон медиҳад, ки ҳанӯз имкониятҳои истифоданашуда бисёранд.***

Ин масъала 16 феврал дар ҷамъомад бахшида ба рушди иқтисодию иҷтимоии вилояти Андиҷон, ки таҳти раёсати Президент Шавкат Мирзиёев дар Хонобод баргузор гардид, муфассал мавриди муҳокима қарор гирифт. Имкониятҳои мавҷуда нишон дода, барои истифода бурдани онҳо тадбирҳо муайян карда шуданд.

Тибқи омор, мизони бекорӣ дар ин минтақа то ҳафт дарсад коҳиш ёфта, даромади хонаводаҳо аз тиҷорат якуним баробар афзоиш ёфтааст. Беҳтар намудани шароити корхона яке аз омилҳои асосии дигаргуниҳои мусбат мебошад.

Инчунин, барои аз камбизоатӣ раҳо кардани аҳолӣ ва таъмини шуғли хатмкунандагон ба омода намудани касбҳои замонавӣ таваҷҷуҳ зоҳир мегардад. Илова бар ин, ҷавонон технологияҳои иттилоотӣ ва забонҳои хориҷӣ меомӯзанд.

Дар ноҳияи Марҳамат лоиҳаи ояндадор – маркази хидматрасонии фосилавӣ дар корхонаи «Ershi Logistics» ба таъмини шуғли ҷавонон кумак мекунад.

Марказ провайдери хидматрасонӣ мебошад, ки ба ширкатҳо дар Иёлоти Муттаҳида оид ба чунин самтҳо, аз қабили логистика, ҳисобдорӣ ва машварати ҳуқуқӣ хидмат мерасонад.

– Маркази мо қариб 150 нафарро бо ҷойи кори доимӣ дар соҳаҳои технологияҳои иттилоотӣ, иқтисод ва ғайра таъмин менамояд, – мегӯяд роҳбари корхона Иброҳимҷон Эркабоев. – Дар соли 2022 ба 300 ҳазор доллар, дар соли 2023 ба 2 миллион доллар хидмат содир карда шуд. Дар баробари ин маркази мо, ки феълан офисро ба иҷора мегирад, то охири сол соҳиби биной замонавии худ мегардад. Бо анҷоми сохтмони марказ шумораи ҷойҳои кории доимӣ ба 450 нафар мерасад. Ҳаҷми содироти хизматрасонӣ 4 миллион доллар зиёд мешавад.

Дар ноҳияи Марҳамат ду чунин марказ мавҷуд аст. Соли гузашта 250 нафар ҷавонон ба истифодаи технологияҳои иттилоотӣ омӯзонида шуда, шуғли онҳо таъмин гардид.

**Икром АВВАЛБОЕВ,**
**мухбири ЎзА.**

---

***Солҳои охир давлатамон бо Чин дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ ҳамкории самаранокро ба роҳ монда, комёбиҳои назаррасро ба даст меорад.***

# КОРХОНАИ НАВ БА ФАЪОЛИЯТ САР КАРД

Дар мамлакатамон бо иштироки сармоягузорони Чин шумораи корхонаҳо сол то сол меафзоянд.

Чанде пеш дар минтақаи хурди саноатии «Кушон»-и ноҳияи Косонсой боз як корхонаи нав бо иштироки сармоядорони Чин фаъолияти худро сар кард. Дар корхонаи «Namangan Golden Tea Pakind Falkon» корҳои чойқадоқкунӣ амалӣ мегардад. Ҳаҷми сармояи соҳибкорони Чин 20 миллиард сӯмро ташкил мекунад. Бо таъсиси корҳои нави муштарак ба маҳсулот натанҳо талаб зиёд мешавад, балки ҷойҳои нави корӣ фароҳам омада, эҳтиёҷмандон бо кор таъмин мешаванд.

**Шоҳида ДАМИНОВА.**
*Вилояти НАМАНГОН.*



*Дар шаҳри Самарқанд манзили зисти донишҷӯёни Донишгоҳи байналхалқии сайёҳии «Ипак йўли» ва мероси фарҳангӣ ба истифода супорида шуд.*

*Дар ин ҷо барои донишҷӯёни хориҷӣ ва ватанӣ шароити мусоид фароҳам оварда шудааст. Дари китобхона ба рӯйи донишҷӯён боз аст, маҳфилҳои варзишӣ фаъолият доранд, дар назди хобгоҳ боғ бунёд гардидааст.*

***Дар акс:** лавҳае аз маросими кушодашавии хобгоҳ.*

***Аксбардор: Алишер ИСРОИЛОВ (ЎзА).***

---

# ФИЛМИ КОРГАРДОНИ ӮЗБЕКИСТОНӢ ДАР ҶАШНВОРАИ БАЙНАЛХАЛҚИИ КИНОИ ОСИЁ ДАР ФАРОНСА СОҲИБИ ДУ ҶОИЗА ГАРДИД

***Дар шаҳри Везули Фаронса Ҷашнвораи байналхалқии 30-юми кинои Осиё, ки аз 6 то 13 феврал идома дошт, анҷом ёфт.***

Дар анҷумани кино зиёда аз 100 филмҳои бадеӣ ва ҳуҷҷатии кишварҳои Шарқи Наздик ва Шарқи Миёна, Осиёи Миёна, Осиёи Ҷанубӣ ва Осиёи Ҷанубу Шарқӣ намоиш дода шуданд, онҳоро тайи рӯзҳои ҷашнвора беш аз 30 ҳазор бинандагони минтақаҳои гуногуни Фаронса тамошо карданд.

Дар доираи ҷашнвораи кино намоиши озмунии 9 филми бадеӣ аз мамлакатҳои Ҳиндустон, Эрон, Қазоқистон, Чин, Ҷумҳурии Куриё, Тайланд, Ӯзбекистон ва Шри-Ланка ба вуқӯъ омад.

Нахустнамоиши аврупоии филми коргардони ҷавони Ӯзбекистон Шокир Холиқов «Sunday» («Якшанбе») баргузор шуд, ки боиси рағбати зиёди бинандагон гардид ва аз ҷониби ҳакамоти байналхалқӣ таҳти роҳбарии таҳиягар ва коргардони машҳури Эрон Муҳсини Махмалбоф баланд тақдир карда шуд.

Филми ӯзбекӣ соҳиби ду ҷоиза – Ҷоизаи муҳаббати тамошобин ва Ҷоизаи мунаққидони байналхалқии кино гардид. Тавре ки дар маълумоти матбуотии кумитаи ташкилии ҷашнвораи кино ифода ёфтааст, ҳакамоти байналхалқии мунаққидони кино қарор дод филми «Sunday»-ро тақдир намояд, зеро композитсия ва санъати махсуси он писанди ҳакамот омадааст. Аъзои ҳакамот аз иқтидори коргардон, ки ҳаёти ҳамарӯзаи ҷуфти солдидаи бо бозсозии ҷомеа рӯ ба рӯ омадаи деҳотро шоирона ифода карда тавонистааст, ба ҳайрат омаданд.

**Жан-Марк ТЕРОАН, директори Ҷашнвораи байналхалқии кинои Осиё:**

– Соли равон Ҷашнвораи байналхалқии кинои Осиё дар Везул сисолагии худро таҷлил кард. Метавон бо эътимод гуфт, ки тӯли даврони сипаришуда ҷашнвора ба ҷамъомади бонуфузи кинои Осиё дар Фаронса, ҳамчунин дар тамоми қитъаи Аврупо табдил ёфт.

Махсус таъкид менамоям, ки дар байни мо ва ҳамкорони кинои ӯзбекистонӣ, коргардонҳои кино, Сафоратхонаи Ӯзбекистон дар Фаронса, ки ташаббусҳои моро ҳамаҷониба дастгирӣ менамояд, муносибати хуб ба вуҷуд омадааст.

Дар чорабиниҳои байналхалқии солҳои охири кино иштирок карда, мо аз хусуси филми коргардон Шокир Холиқов «Sunday», ки дар як қатор ҷашнвораҳои Осиё намоиш дода шуд, огоҳӣ доштем, бино бар ин онро ба ҷашнвораи худ даъват намудем. Дар филми мазкур гуногунрангии анъанавии ҳаёти ҷуфти солдидаи деҳа ва навгониҳои технологӣ дар ҳаёти кунунӣ бо санъати нозуки кинематография нишон дода шудааст.

Мехостам бо қаноатмандии бузург таъкид намоям, ки соли 2022-юм мо якҷо бо ҳамсарам Мартин Тероан, ки арт-директори Ҷашнвораи кинои Осиё ба шумор меравад, барои иштирок дар Ҷашнвораи байналхалқии XIV-и кинои Тошканд «Дурдонаҳои Роҳи абрешим» даъват шуда будем. Сафар ба Ӯзбекистон, кори хуб бобати ташкили хуби ҷашнвораи кино дар дили мо таассуроти фаромӯшнопазир гузоштанд. Ҷашнвораи кинои Тошканд, воқеан дурдонаи Роҳи абрешим аст.

**Доминик РИТС, тамошобин, сокини шаҳри Везул:**

– Ба ман тамошои кинофилми «Sunday»-и коргардон Шокир Холиқов хеле маъқул шуд.

Бояд гӯям, ки баҳори соли равон ният дорам бо сафари дуҳафтаина ба Ӯзбекистон равам. Аз ин рӯ тамошои филми мазкур барои ман як навъ шиносоӣ бо маданият ва урфу одати ҳаёти ҳамарӯзаи кишвари шумо гардид.

Муҳтавои филми «Sunday» барои мофрансавиён низ фаҳмо ва рӯзмарра мебошад, зеро ҷараёнҳои бозсозиро дар ҷомеаи кунунӣ инъикос мекунад.

**Доминик БЕЗОТСИ, тамошобин, сокини шаҳри Авинон:**

– Ман ба анҷумани кинои Осиё аз Ҷануби Фаронса, шаҳри Авинон, ки бо ҷашнвораи театрии худ дар тамоми олам машҳур аст, ба Везул омадам.

Филми бағоят пурмаъннии «Sunday»-и коргардони ӯзбекистониро, ки дар ҷашнвораи кино намоиш дода шуд, бо қаноатмандӣ тамошо кардам. Филми мазкур барои мо кашфиёти ҳаққонии кинои ӯзбек гардид. Ба коргардони ӯзбекистонӣ барои ин филми хубаш ташаккур мегӯям.

**АИ «Дунё»,**
*шаҳри ПАРИЖ.*

---

***Дар корхонаи хусусии «Siberian wellness Namangan», ки дар ҳудуди ноҳияи Чуст фаъолият дорад, пресс-тур ташкил карда шуд. Бо туфайли эътибори роҳбари давлатамон дар ҷойҳо лоиҳаҳои инвеститсионӣ ба амал татбиқ мегарданд. Аз он ҷумла, дар ноҳияи Чуст низ як қатор корҳои намунавӣ амалӣ гардида истодааст.***

# САМАРАИ ҲАМКОРӢ

3 сол пеш аз ин дар ҳудуди Варзик тадбиркори маҳаллӣ бо ширкати «Сибирское здоровье»-и Русия корхона ташкил карда буд. Дар ин ҷо 405,5 гектар замин ҷудо карда шуда, бо усули интенсив боғдорӣ ташкил карданд.

– Аз Франсия якчанд навъи ниҳоли дарахтҳои гуногунро оварда, ба 263 гектар замин шинондем ва парвариш кардем, – мегӯяд мутахассиси корхона Муҳаммадраҳим Мамаҷонов. – Натиҷа бад нашуд. Соли 2022 боз 105 гектар замин илова карда, ниҳолҳо шинондем. Дар давоми як сол дарахтон ба мева даромаданд ва онҳоро ба фурӯш баровардем.

Бо мақсади зиёд кардани ҳосилдорӣ аз техникаи замонавӣ истифода мебарем. Ҳар як дарахт бо назорати мутахассис парвариш карда мешавад. Барои муайян кардани касалиҳои дарахтон аз техника, яъне дрон истифода бурда мешавад.

– Бо мақсади аз нав коркарди консентрати мева дар минтақаи саноатие, ки дар Чуст воқеъ аст, 4 гектар замин гирифта, ба фаъолият сар кардем, – ба суҳбат ҳамроҳ шуд технологи корхона Камолхон Мӯъминов. – Аз Булғория технологияи замонавӣ овардем ва биноро ҷиҳозонидем. Экспорти аввалин соли гузашта ба Қирғизистон бо миқдори 17,5 ҳазор долларро ташкил кард.

**Шоҳида ДАМИНОВА.**
*Вилояти НАМАНГОН.*

Ёдкард

# ДИЛЕ АЗ ИШҚИ «ФАЛАК» САРШОР ДОШТ



«Шашмақом» ва «Фалак» ду боли мурғи ҳунари овозхонии тоҷик аст, ки аз замонҳои хеле қадим дар осмони санъати ин халқ болу пар меафшонад. Дар тӯли қарнҳо, вобаста ба авзои ҷаҳон, парвози ин мурғ гоҳ паст, гоҳ баланд будааст...

Баъди дастёбӣ ба истиқлол дар Тоҷикистон ҳунари овозхонии «Фалак» бо ҳама дороияш эҳё шуд. Бо ташаббуси роҳбари ин мамлакат — Эмомалӣ Раҳмон 12-уми май расман Рӯзи «Шашмақом» эълон гардид ва дар назди Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Тоҷикистон таҳти роҳбарии Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон ва Ӯзбекистон, барандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ Давлатманд Холов гурӯҳи ҳунарии «Фалак» таъсис дода шуд.

Давлатманд Холов, дар баробари асолати мусиқии тоҷикро ҳифз намудан, бо тозакориҳои хеш ба таровати он афзуд. Ӯ нахустин ҳунарманде буд, ки «Фалак»-ро ба нота даровард. Ин буд, ки дертар ин ҳунари воло аз ҷониби ЮНЕСКО ба сифати мероси маънавии ғайримоддӣ ба қайд гирифта шуд.

Ҳунарпешаи донишманд авзон ва маънии шеъри шоирони классик ва муосири тоҷикро амиқ дарк мекард, бо кашишҳои ба худ хос дилнишин ба самъи шунаванда мерасонд.

Овозхони хушадо ба тарғиби шеъри мондагори шоирони қадиму ҷадид саҳми назаррас гузоштааст. Бо устод Лоиқ Шералӣ ҳамкории эҷодиро ба роҳ монда буд. Ба писари ҳунарпешааш номи Лоиқро додани ӯ аз муҳаббат ва садоқаташ ба ин шоири шаҳир дарак медиҳад. Рӯзгоре овозхони машҳури эронӣ Муҳаммадризои Шаҷариён «Фалак»-ро дар иҷрои ӯ ва гурӯҳи овозхонон шунида, бо камоли шавқ гуфта буд: «Ин мусиқии фаромӯшшудаи мо низ ҳаст».

Овозхони маҳбуб дар Ӯзбекистон низ мухлисони зиёд дорад. Ёд дорем, дар Рӯзҳои фарҳанги Тоҷикистон дар Ӯзбекистон бо иштироки ҳунарпешагони тоҷик дар Театри калони давлатии академии ба номи Алишер Навоӣ консерти бошукӯҳе баргузор шуд. Алоқамандони ҳунари овозхонӣ сурудҳои фалаксарои номиро бо кафкӯбиҳои бардавом истиқбол гирифтанд.

Дареғ, 18-уми феврали соли равон риштаи умри ин хунёгари бузург дар синни 74-солагӣ гусаст. Даргузашти ӯ барои ҳунари овозхонии тоҷик талафоти бузург аст.

19-уми феврали соли 2024, бо вуҷуди он ки ҳаво сард буду барф меборид, намояндагони созмонҳои гуногун ва садҳо нафар мухлисону ҳаводорони овозхон ба қабристони Лучоб барои видоъ омада буданд...

— Давлатманд Холов дар муаррифии санъати тоҷик ба хориҷиён саҳми назаррас гузоштааст. Ӯ баъди устод Одина Ҳошим «Фалак»-ро ба арзу тӯл густариш дод. Мо бо ӯ ба Аврупо, Амрико ва ҷумҳуриҳои шӯравии собиқ сафари эҷодӣ анҷом додаем. Шоҳиди он гардидаам, ки халқҳои ҷаҳон иҷрои ӯро дар жанри «Фалак» бо кафкӯбиҳо истиқбол гирифтаанд. Дар Эрон ва Афғонистон низ мухлисони зиёд дорад, манзили охираташ обод бод! — изҳор доштааст дар мусоҳиба бо хабарнигори «Азия плюс» Ҳунарпешаи халқии СССР Ҷӯрабек Муродов.

— Давлатманд ҳамеша ба шеъри баланд рӯ меовард ва шеъри воқеиро тарғиб мекард, — лаб ба сухан кушод рӯзи видоъ Шоири халқии Тоҷикистон, раиси Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон Низом Қосим. — Бахусус, дар тарғиби шеърҳои Мавлоно, Ҳофиз, Саъдӣ, Лоиқ Шералӣ ва дигар шоирон саҳми басе арзанда дорад. Ёдаш бахайр.

– Устод Давлатманд Холов 55 сол дар хидмати миллати мо буданд. Дар Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Тоҷикистон «Фалак»-ро сохтанд ва ба роҳ монданд. Ин марди бузург бо санъати нотакрори хеш дар дили миллати тоҷик ва форсигӯёни дунё абадӣ хоҳанд монд. Ҷояшон дар биҳишти адн бошад, — гуфт Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон Афзалшоҳ Шодиев.

Рӯҳи овозхони маҳбуб шод ва маъвои охираташ обод бод!

**А. СУБҲОНОВ,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик».**

# РАҲИМӢ – МУТАРҶИМИ УСТОД АЙНӢ

***Шоири маъруф Муҳаммадҷон Раҳимӣ (1901-1968) аз шогирдон ва дӯстони бисёр наздики Устод Айнӣ буданд. Дар сафарҳои Маскав Устодро ҳамроҳӣ мекарданд ва дар зарурат вазифаи мутарҷимиро низ ба ҷо меоварданд. Баъзан ҳангоми болидани табъашон аз суҳбату вохӯриҳояшон бо Устод Айнӣ лаҳзаҳои ҷолиброр нақл намуда, худашон низ ба завқ меомаданд.***

– Соли 1941, моҳи апрел, – нақл мекарданд Раҳимӣ, – бори аввал дар Маскав Даҳаи санъати тоҷик барпо гашт. Аз ҳунари волои санъаткорони тоҷик толорҳои Маскав ба ҷӯшу хурӯш омада буданд. Қариб тамоми роҳбарони мамлакат барномаҳоро тамошо мекарданд.

Дар хотимаи даҳаи санъат дар Кремл ба ифтихори аҳли ҳунари тоҷик зиёфати ҳукуматӣ барпо мегардад. Раҳимӣ дар сари як миз дар паҳлӯи Устод Айнӣ нишаста, мухтасари баъзе баромадҳоро ба он кас мефаҳмониданд.

– Вақте Сталин ба сухан баромад, – гуфтанд Раҳимӣ, – таваҷҷуҳи ҳама ба сӯйи ӯ нигаронида шуд ва аҳли зиёфат дар интизори он буданд, ки вай дар ҳаққи тоҷикон чӣ сухане хоҳад гуфт. Сталин бо оромӣ ва бо виқори ба худ хос гӯё суханҳоро чида-чида интихоб карда, тоҷиконро чун халқи қадимтарин ва дорои тамаддуни ба худ хос васфу ситоиш намуд. Вай бо қаноатмандӣ зикр намуд, ки тоҷикон аз ҷавҳари даҳо ва хиради хеш нобиғаеро чун Фирдавсӣ ба дунё овардаанд. Устод Айнӣ баробари шунидани ин суханон якбора ба ваҷд омада, дасти росташонро баланд бардошта, бо шиддат ба рӯйи зонуяшон зада, гуфтанд: «Оҳ, шарқшиносон мурданд!»

– Дар паси ин суханони Устод беадолатиҳо ва дағалона поймол намудани ҳуқуқи халқи тоҷик ба забон ва адабиёти худ ниҳон буд. Зеро он замон шарқшиносони Маскаву Ленинград ва пайравони онҳо бо ҳадафҳои муғризонаву бадқасдона адабиёти классикии тоҷику форсро аз рӯйи ҳудудҳои ҷуғрофӣ тақсимбандӣ намуда, тоҷиконро аз суханварони тавонояшон, ки дар сарзаминҳои Эрон, Афғонистон, Ҳиндустон, Покистон ва кишварҳои дигари имрӯз зиндагӣ ва эҷод кардаанд, мехостанд ба куллӣ маҳрум намоянд. Яъне аз паси сари тоҷикон адабиёт ва сухансароёни бузурги онҳоро ба савдо гузошта буданд. Дар он даврони пурмоҷаро ва ҳокимияти идеологияи мутлақ танҳо Устод Айнӣ буданд, ки бо ҷасорати ба худ хос аз мероси адабии тоҷикон далеронаву қотеъона ифоъ мекарданд. Аз ин рӯ, баҳои ба Фирдавсӣ додашуда чун шоири миллии тоҷикон Устод Айниро ба ваҷд наоварда наметавонист. Бинобар он Устод бо як шодмонии ногаҳонӣ ва ифтихормандӣ ҷӯшу хурӯши дили худро бидуни ихтиёр баён доштанд. Дар баробари ин ба ҳаққонияти талошу муборизаҳои худ боварии комил пайдо карда буданд.

– Вақте, – гуфтанд Раҳимӣ, – Устод Айнӣ даст ба зону заданд, дарҳол шахси ҷиддисимо ва қоматбаланде ҳозир шуда, пурсид:

– Дар ин ҷо чӣ гап? Сабаб чӣ буд, ки мӯйсафед даст ба зону зад? Магар суханони доҳӣ ба ӯ писанд наомад?

Раҳимӣ бадоҳатан чунин ҷавоб медиҳанд:

– Баръакс, мӯйсафед чунон хурсанд шуданд, ки аз ҳаяҷони зиёд даст ба зону задаанд. Бубинед, ҳатто чашмонашон аз хурсандӣ барқ мезананд.

– Мебинам, офарин ба мӯйсафеди доно! – гуфта он шахс пас гашта меравад.

Дар рӯзҳои баргузории Даҳаи адабиёти тоҷик дар тирамоҳи соли 1949 низ Раҳимӣ ҳамеша дар паҳлӯи Устод Айнӣ қарор дошт. Дар Даҳа 30 нафар адибони тоҷик иштирок менамоянд ва дар баррасии асарҳои онҳо 45 нафар намояндагони адабиёти рус ширкат мекунанд. Дар қасри адибони Маскав шаби адабии Устод Айнӣ бо ширкати нависандагони рус Симонов, Федин, Фадеев, Леонов барпо мегардад. Устод Айнӣ аз таваҷҷуҳи зиёде, ки нисбаташон зоҳир мешуд, бисёр хурсанд ва рӯҳбаланд буданд.

– Ҳамон замон, – гуфтанд Раҳимӣ, – тасодуфан ба дастам маҷаллаи «Природа» афтод ва дидам, ки дар он мақолаи Устод Айнӣ чоп шудааст. Маҷалларо ба он кас нишон додам, пас аз онро тамошо кардан гуфтанд: – Муҳаммадҷон, саҳифаи охири маҷалларо кушода телефони сармуҳаррирашро ёфта занг зан, аз номи ман изҳори сипос намо ва гӯй, ки ҳаққи қаламии маро фаромӯш накунад.

Раҳимӣ дудила мешавад, аммо пас аз таъкиди дубораи Устод Айнӣ ноилоҷ занг зада, ба сармуҳаррир иброз медорад, ки Устод Айнӣ хоҳиши дидани ӯро доранд. Ва ҳар ду дар соати муқарраршуда ба назди сармуҳаррир медароянд.

Ӯ меҳмононро самимона пазироӣ намуда, бо қаҳваю чой зиёфат карда, сипас мегӯяд:

– Агар Айнии мӯҳтарам дархосте дошта бошанд, мо омодаем бо камоли майл иҷро намоем.

Ба ҷойи Устод Айнӣ Раҳимӣ дар ҷавоб мегӯяд, ки мӯйсафед аз чопи мақолаашон дар чунин як маҷаллаи бонуфуз изҳори ташаккур менамоянд. Баъд каме таваққуф намуда, сипас бо садои андаке пасттар ва истиҳолаомез иброз медорад:

– Мӯйсафед инчунин ҳаққи қаламашонро мепурсанд.

– Бисёр хуб, – мегӯяд сармуҳаррир, – нағз шуд, ки худашон бо пойи худ омаданд ва бо ин баҳона шинос шудем.

Ва сармуҳаррир «ҳозир-ҳозир» гӯён аз ҷой бархоста, берун меравад ва пас аз чанд дақиқае баргашта, бо як одобу фарҳанги баланд конвертеро ба дасти Устод месупорад.

Пас аз кӯча баромадан Устод Айнӣ ба Раҳимӣ рӯ оварда, мегӯянд:

– Муҳаммадҷон, ту аз ин кори ман ҳайрон нашав. Ман ҳаққи ҳалоли меҳнатамро гирифтам. Магар ман асарҳоямро, мақолаҳоямро ба осонӣ навиштаам? Азоб кашидаам, хуни дил хӯрдаам ва ҳақ дорам, ки музди заҳматамро бигирам.

– Як рӯз, – гуфтанд Раҳимӣ, – Устод хоҳиш карданд, ки маро ба ягон ресторан бар, ки хӯроки миллӣ дошта бошад. Пас аз фикру андеша Устодро ба ресторани «Боку» бурдам, ки дар маркази Маскав воқеъ гаштааст. Бо рӯйхати таомҳо шинос шуда, ду питӣ фармудам (таоми озарӣ, ки шабеҳи шӯрбои тоҷикист). Таоми сергӯшт ва сермаҳсул ба Устод писанд афтод. Ба Устод фаҳмондам, ки аз рӯйи таомул дар ресторан хӯроки якум ва дуюм мефармоянд. Дар ҷавоб гуфтанд:

– Саросема машав, Муҳаммадҷон. Гап зан, ду табақча биёрад.

Чун табақчаҳо оварда шуданд, Устод гӯшт ва дигар масолеҳи питиро рӯйи табақча гузошта, ба Раҳимӣ низ таъкид менамоянд, ки чунин кунад. Баъд ба косаю табақча нигариста, мегӯянд:

– Дидӣ, Муҳаммадҷон, инаш хӯроки якум, ваяш хӯроки дуюм. Бемалол сер мешавем. Ба хароҷоти зиёдатӣ ҳеҷ ҳоҷат нест.

Вақти аз ресторан берун омадан марди солор ва миёнсоле, ки собиқ шахси ҳарбӣ буданаш аён буд, палтоҳои Раҳимию Устод Айниро аз гарду ғубор пок намуда, бо меҳрубонӣ ба сари китфашон мегузорад. Раҳимӣ номаълум карда, ба кафи дасти ӯ бист тин мемонад, аммо он аз чашми Устод Айнӣ пинҳон намемонад. Баъди чанд қадам дуртар рафтан Устод бо қаҳр мегӯянд:

– Муҳаммадҷон, боз ин чӣ мақоми нав? Чаро ба ӯ пул додӣ? Ин одати бадро аз куҷо омӯхтӣ?

Раҳимӣ дар ҷавоб мегӯянд:

– Хайр, Устод, ҳеҷ гап не. Бист тин киройи сухан намекунад, ба як чизу ним чиз умедвор аст.

– Гап дар сари бист тин нест, Муҳаммадҷон! – бошиддат мегӯянд Айнӣ. – Шумоҳо бо чунин амалу рафторатон ва меҳрубониҳои ҳавоиятон одамонро ба роҳи бад мебаред. Вай мардак ба ивази хидматаш аз давлат маош мегирад, боз ба вай пул додан чӣ ҳоҷат. Бо ин амалатон одамонро ба пули муфт, ба порагирӣ одат менамоед. Ана ҳамин майда-чуйдаҳо ҷамъиятро оқибат харобу доғдор мекунад. Имрӯз бист тин додӣ, хурсанд шуд, дафъаи оянда агар чизе надиҳӣ, ба рӯят нигоҳ намекунад, ба саломат ҷавоб намедиҳад. Дигар, Муҳаммадҷон, ин коратро такрор накун!

Раҳимӣ бо табассуми гуворое ба нақлашон хотима дода, гуфтанд:

– Аз ҳар мулоқоте, ки бо Устод Айнӣ доштам, як сабақи тозаи зиндагӣ омӯхтаам. Устод ҳам инсони асил буданд ва ҳам нависандаи асил.

**Аз китоби «Бар фарози қуллаҳо»-и**
**Раҷабалӣ ҚУДРАТЗОДА.**



***Фурӯғи субҳи доноӣ***

# НАРГИС, МОШИН МУБОРАК!

***Талабаи синфи ҳаштуми мактаби таълими умумии рақами 12-уми ноҳияи Ҷомбойи вилояти Самарқанд Наргис Муҳаммадиева дар зинаи ниҳоди озмуни ҷумҳурии «Ёш китобхон» («Китобхони ҷавон») дар озмуни байни синнашон 10-14-сола ғолиб дониста шуда, бо туҳфаи Президенти мамлакатамон – сабукрави гаронбаҳо «Кобалт» сарфароз гардид.***

– Духтари соҳибистеъдоди ман аз бачагӣ ба мутолиа дил баст ва имрӯз самараи неки онро дид,– барафзуд падараш Ӯлмас Муродов, – аҷибаш он аст, ки хешу пайвандон, ёру дӯстон маро низ табрикоти самимона гуфта табъамро болида месозанд. Воқеан Наргис аз айёми бачагӣ ба асарҳои бадеӣ дил баст ва вақти худро чун баъзе ҳамсолонаш бо телефонбозӣ не, бо китобхонӣ мегузаронад. Минбаъд мо то мағозаи «Олами китоб»-и Самарқанд бо сабукрав хоҳем рафт.

– Наргис аъзои фаъоли китобхонаи мактаби мо аст, – ба суҳбат ҳамроҳ шуд мудири он Гавҳар Эрматова, – ана барои чӣ дар озмунҳои вилоятӣ ва ҷумҳурӣ ҳар сол иштирок намуда, ҷойҳои фахрӣ насибаш мегардад. Кош дигар падару модарон аз ин оилаи китобдӯст ибрат мегирифтанд.

Мо аз номи мухлисони рӯзномаи «Овози тоҷик» Наргисро бо ин муваффақият муборакбод намуда, комёбиҳои нав ба нав таманно дорем.

Аммо аз ҳайати ҳакамони озмуни ҷумҳурӣ хоҳиш мекунем, ки чунин озмунҳо дар байни мардуми тоҷик ва рус, ки дар кишвари мо хеле бисёранд, ташкил гардад. Умедворӣ дорем, ки шуъбаи тоҷикии Иттифоқи нависандагони Ӯзбекистон ба ин масъала дахолат хоҳанд кард.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Самарқанд.**

# ЧАРО МАКТАБҲОИ МО СИМОИ МИЛЛӢ НАДОРАНД?

***Ҳар сол миллатҳои рӯйи олам 21-уми февралро ба сифати Рӯзи байналмилалии забони модарӣ таҷлил мекунанд, ки онро ЮНЕСКО муайян кардааст. Мақсад аз он ҳифзи забонҳои миллатҳои гуногуни рӯйи замин аз ситези забонҳои муқтадир, ба вуҷуд овардани заминаҳои рушд барои забонҳои миллӣ ва такони ҳисси эҳтиром ба забони модарии худ дар байни миллатҳои мухталиф мебошад. Тоҷикони маскуни Ӯзбекистонро низ зарур аст, ки огоҳона ин иди барои рушди миллат муҳимро ба таври васеъ ҷашн гиранд. Мо масъул ҳастем, ки забони модарии худро бидуни талафот солиму мубарро ба насли оянда вогузорем. Ҳоло мехоҳам, ки баҳсеро ба миён гузорам ва дар зимн кулли ҳамзабононро ба эҳтироми забони модариашон даъват намоям.***

Дар давоми зиёда аз як соли кориам ба ҳайси мухбири рӯзномаи «Овози тоҷик» дар вилояти Қашқадарё меҳмони аксари мактабҳои тоҷикии ин қаламрав гаштам. Аз деҳаҳои гуногуни ноҳияи Деҳқонобод сар карда, то ба дурдасттарин рустоҳои ноҳияи Шаҳрисабз, ба монанди Кӯлу Ғелон рафтаву бо ҳаёти ҳамзабонон шинос шудам, мактабҳои таълимашон ба забони тоҷикиро низ аз назар гузаронидаву аз рӯзгори омӯзгорони варзида мақолаҳо ба нашр расонидам. Дар навоҳии Деҳқонобод, Китоб, Шаҳрисабз ва дигар минтақаҳои вилояти Қашқадарё мактабҳои тоҷикӣ амал мекунанд, аммо як қисмати онҳо ба фишори замона тоб наоварда, ногузир дари худро ба рӯйи донишомӯзони тоҷик баставу таълимро ба забони давлатӣ идома медиҳанд. Як замон дар ноҳияи Ғузор ҳам мактабҳои тоҷикӣ вуҷуд доштанд, ки кунун беному нишонанд. Ин тавр, ба ман муяссар гашт, ки мактабҳои тоҷикии вилояти Сурхондарёро низ қадам ба қадам бигардам ва бо вазъи ин дабистонҳо ошно шавам.

Вақте вориди мактабҳои тоҷикӣ мегардед, аввалин чизе, ки касро нороҳат мекунад, нодуруст навишта шудани номи онҳост. Як замоне мактабҳо ба ҷуз аз шумора номи алоҳидае доштанд ва шогирдони ин муассисаҳои таълимӣ бо номи мактаби худ ифтихор мекарданд. Аммо ҳоло танҳо рақами мактабҳо боқӣ мондаанд, ки ҳамон ҳам дар пештоқашон дуруст сабт наёфтааст. Ҳарчанд чандин навиштаи эътирозӣ ҳам рӯйи чоп омаданд ва зиёиёни рӯшанфикр борҳо ин мавзӯъро ба баҳс кашиданд, ки ин амал қобили қабул нест, аммо он хатои номатлуб ҳамон пойбарҷост. Масалан, дар болои дарвозаи ҳамаи мактабҳои тоҷикӣ чунин навиштаро мехонем: «23 мактаб», «67 мактаб»... Аммо чаро ба забони тоҷикӣ «Мактаби 23», «Мактаби 67» (дар байн калимаи «рақами»-ро ҳам ҳамроҳ кардан мумкин) наменависанд? Мебинем, ки миллати мо ақаллан дар навиштани номи мактаби худ ба забони модариаш иқдом намекунад! Дар мактабҳои таълимашон ба забони тоҷикӣ шиносномаи дабистон ба забони ӯзбекӣ, русӣ ва ҳатто англисӣ навишта шудааст, аммо ба забони тоҷикӣ вуҷуд надорад. Дар даромадгоҳи мактабҳо ба ин забонҳо, «Добро пажаловать!», «Велком» навиштаанд, аммо «Хуш омадед!»-и тоҷикӣ «фаромӯш» гаштааст! Чунин муносибатро ба забони модарӣ дидаву хеле хиҷил мегардед, як навъ шарм ҳам медоред, ки ҳаммиллатони мо кунун дар бобати эҳтироми забони модарии худ чӣ дараҷа бемасъулият шудаанд. Охир, шарт нест, ки ин корро кадом мақомдоре аз ташкилотҳои болоӣ ба гӯши мо ҳиҷо кунанд! Танҳо ба раҳбарони муассисаҳои таълимӣ ҳисси масъулият лозим асту халос. Дар деҳаҳои тоҷикнишин, ки аз марказҳо даҳҳо фарсах дуранд ва дар оғӯши кӯҳҳои сарбафалак ҷой гирифта, ягон нафар бошандаи ӯзбеку русу англис надоранд, чаро ба ин забонҳо номи муассисаҳо навишта шудаву ба тоҷикӣ не?! Раҳбарони мактабҳои тоҷикӣ ба он эътиборе намедиҳанд. Кас ба чунин мактабҳои тоҷикӣ ворид мегардаду худро дар дунёи мутлақ бегона мебинад. Симои ғайритоҷикии мактабҳо ба рӯҳияи донишомӯзон сахт таъсир мерасонад ва дар зеҳни онҳо мавқеи забони модариашонро ночиз талаққӣ медиҳад. Ҳатто дар дарсҳо ба забони адабӣ дарс нагуфтани устодон, ки имрӯз ба ҳукми анъана даромадаву касеро ба он коре нест, ба рӯҳияти умумии шогирдони мактаб таъсири манфӣ расонда, ба пояи худшиносии онҳо завол меорад. Бадии кор дар он аст, ки дар баъзе мактабҳои тоҷикӣ фанҳои физика, кимиё, риёзиёт, ҷуғрофия, таърихро ба забони тоҷикӣ намегузаранд. Чунки устодони ин фанҳо таълими олиро ба забони модарӣ нагирифтаанд. Сабаби дигари дилхунукии онҳо забони мураккаби китобҳои дарсии ба тоҷикӣ тарҷумашуда мебошад, ки на устодон (!) мефаҳманду на шогирдон. Ин як мушкилест, ки бояд тамоми мутахассисони соҳаи таълим таваҷҷуҳ зоҳир намоянд ва макотиби тоҷикиро аз ин бунбаст берун кашанд.

Боварӣ дорем, ки тоҷикон ҳам дар Рӯзи байналмилалии забони модарӣ каме ҳушёр гаштаву ба эҳтироми забони модарии худ иқдом карда бошанд ва дар роҳи бартараф кардани камбудиҳои зикршуда аз сидқи тамом талош меварзанд.

**Шариф ХАЛИЛ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти ҚАШҚАДАРЁ.*

# ОСОРХОНАИ ДАВЛАТИИ МЕРОСИ ҶАДИДОН

***Дар ҷамъомади васеъи Шӯрои маънавият ва маърифати ҷумҳурӣ 22 декабри соли 2023 Президенти мамлакат Ш. Мирзиёев дар бораи дар шаҳри Бухоро ташкил намудани музейи давлатии мероси ҷадидон супориш дода буд. Бо ҳамин мақсад дар маҷмӯи Ҳавлии Поён (ҳавлии Усмонхӯҷа Пӯлодхӯҷаев)-и кӯчаи Хӯҷа Гулрези ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Ҳамид Олимҷон»-и шаҳри Бухоро созмон додани ин осорхона ба нақша гирифта шудааст.***



Ҳавлии номбурда солҳои 1860-1870 бунёд гардида, он намунаи беҳтарини меъмории нафис ба шумор меравад. То қарибиҳо ин бино вазифаи меҳмонхонаро иҷро мекард. Замоне дар ин ҷо мактаби услуби нав фаъолият дошта, ба толибилмон аз фанҳои забони модарӣ, математика, таърих, география ва ғайра бемузд таълим дода шудааст.

Бо саъю кӯшиши Бунёди рушди фарҳанг ва санъат ин объекти таърихӣ ба тасарруфи давлат баргардонида шуд. Бо мақсади ба осорхона табдил додани ин бино ҷараёнҳои таъмиру таҷдид ва бозсозӣ ба нақша гирифта шудааст.

Дар музей дастхат ва чизу ҷораи намояндагони ҳаракати ҷадидӣ, дастнависҳои ниёгон, адабиётҳо оиди асри XIX, китобҳо вобаста ба фарҳанг гузошта мешавад.

Ҳокими вилоят Б. Зарифов бо ҷараёни корҳо вобаста ба омодасозии музей аз наздик шинос шуд.

**Амрулло АВЕЗОВ,**
**мухбири «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Бухоро.**

Ҷавонони мо

# БАҲРИ ИМТИҲОНАМ ЗОДААНД

*Дар миёни кӯҳсорон сахтҷонам зодаанд,*
*Дар раҳи кӯҳсор баҳри имтиҳонам зодаанд.*
*Волидайни бенишонам чун нишонам зодаанд,*
*Дар диёри камзамине бекаронам зодаанд.*

Ҳар гоҳ, ки ин байтҳоро аз «Ифтихор» ном шеъри Лоиқи нотакрор мехонам, симои Баҳриддин Бозоров пеши назарам ҷилвагар мегардад. Оре, Баҳриддин зодаи Сойхурд ном деҳаи кӯчаку кӯҳии ноҳияи Нуратост. Овони тифливу кӯдакӣ ва мактабхониаш дар ҳамин деҳа гузаштааст.

Низому Ҷаҳонгул соли 1979 оила бунёд карданд. Вале зиндагии оилавӣ роҳи равон надорад. Онҳо дер фарзанддор шуданд. Беҳуда «поёни шаби сиёҳ сафед аст», нагуфтаанд. Худои меҳрубон пас аз ҳафт сол фарзанд – писар дод. Баҳриддин ном ниҳоданд.

Падари Баҳриддин Низом Бозоров омӯзгори фанни математикаи мактаби рақами 43-юми ноҳияи номбурда буд, модараш низ то нафақа дар мактаби рақами 30 фаъолият дошт. Муаллим Бозоров аз мактаби рақами 30-юм ба нафақа баромад.

Овони томактабии Баҳриддин чун дигар бачаҳои деҳа бо хокбозию аспбозӣ гузаштааст. Аз чӯб хару асп сохта бо ҳам бозӣ мекарданд. Ҳаво, ки гарм шуд, машғулоти асосӣ оббозӣ буд. Он солҳо аз даҳ силсилачашмаи деҳа оби зулол равон буд. Оби чашмаҳои Сариоб то чашмаи Боғҳоипон ба ҳам мерасид. Он солҳо муаммои об вуҷуд надошт.

Низоммуаллим пайваста бо китобу дафтар сарукор дошт. Ин ҳама ба Баҳриддин бетаъсир набуд.

Чун ба синни мактабӣ расид, кӯдакистонро надида дар партаи мактабӣ нишаст. Мегӯянд, ки офтоб аз баромадаш аён аст. Дар ӯ, аллакай дар хона меҳр ба дафтару китоб пайдо шуда, ташаккул ёфта буд. Он айём мактабҳо мисли имрӯз муҷаҳҳаз набуданд. Аҳолии деҳоти дурдасти кӯҳистон он замон ҷуз радиову телевизион, ки он ҳам на ҳамеша намоиш медод, дар бораи ахбори технологӣ тасаввуроте надоштанд. Падар медид, ки Баҳриддин ба омӯзиши илми дақиқ



бештар майлу хоҳиш дорад. Аз ин рӯ барои писари ягона ҳамаи имконотро муҳайё менамуд. Китобҳои иловагӣ ёфта медод. Баҳриддин нисбати дигар ҳамсинфон фаъолтар буд. Мактабро бо дониши аъло хатм намуда, ҳуҷҷатҳояшро ба Донишгоҳи ахбор ва технологияи Тошканд супорид. Орзуяш рӯйи об баромад. Донишҷӯ гардид.

Чор сол асосҳои ахбор ва технологияи муосирро аз устодон хуб омӯхт. Дар донишгоҳ низ фаъол буд. Дар корҳои ҷамъиятии донишгоҳ иштирок мекард. Ин буд, ки зуд байни ҳамсабақон мавқеъ пайдо кард. Се соли охири таҳсили бакалаврӣ чун сардори гурӯҳ фаъолият намуд.

– Маслиҳатҳои падарам, – мегӯяд Баҳриддин, – ҳамеша раҳнамои ман буданд. «Беэътиборӣ миёни корро мешиканад, носомонии кор инсонро дар байни мардум беэътибору беҳурмат мекунад», – мегуфтанд падар.

Ҷавони меҳрубону хушгуфтор аст Баҳриддин. Бо ҳамсуҳбатҳо зуд забон меёбад, дар дили онҳо ҷой мегирад. Дар муомила бисёр самимӣ аст. Воқеан, Баҳриддин се забон: тоҷикӣ, ӯзбекӣ ва русиро хуб медонад. Ба забони англисӣ муошират карда метавонад ва имрӯз пайи мукаммал омӯхтани забони англисӣ машғул аст.

Вай ба дониши аз бакалавриат омӯхтааш қаноат накард. Бинобар ин соли 2011 бахши магистратураи донишгоҳи мазкурро хатм намуд.

Баҳриддин фаъолияти меҳнатиро дар идораи кони «Шимолӣ» ҳамчун оператори хизмати танзимгарӣ оғоз намуд. Баъдан ӯро ба гурӯҳи дастургар-техникии идораи автоматикунонидашудаи кони кушоди истеҳсолии «Шарқӣ» роҳбари гурӯҳ таъин карданд. Ҳамчун роҳбари гурӯҳ хуб фаъолият дошт. Ин буд, ки қаҳрамони моро роҳбари Маркази технологии ахбор-коммуникатсияи идораи кони «Шарқӣ» таъйин намуданд. Дар ин вазифа низ Баҳриддин корро хуб ба роҳ монд. Ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолӣ афзуд. Ба корхона манфиати зиёд расид. Чанде нагузашта ӯро ба вазифаи масъулиятнок гузарониданд. Сармуҳандис-ҷонишини раиси раёсати технологияи ахбору коммуникатсионии ҶМ ККМН таъйин намуданд. Б. Бозоров дар ин вазифа низ зиёд кор накард. Дастовардҳои мутахассиси ҷавон ба гӯши директори генералии комбинати кӯҳӣ-металлургӣ расид.

Баҳриддин Бозоровро ба идораи марказии комбинат даъват намуданд. Мутахассиси ҷавон аз соли 2023 ин ҷониб ҳамчун ҷонишини раиси Иттиҳодияи технологияи ахбору коммуникатсионии ҷамъияти саҳҳомии Комбинати кӯҳӣ-металлургии Навоӣ фаъолият дорад.

Ӯ ҷавонест донишманд, бо равиши тараққиёти ҷамъият ҳамнафас. Пешаи худро хуб медонад, ба ҳамкорон забон меёбад. Бешубҳа, Баҳриддин ва чун ӯ ҷавонони ҳамнафаси замонро барои пешбурди рушду нумӯи кишвар зоидаанд.

Фаъолияти Баҳриддин Бозоров бисёр ҷавононро бояд сабақ бошад. Чун дониш дориву пешаи худро дӯст дошта, бо эҳтиром муносибат дорӣ, ту корро не, кор дар пайи ҷустуҷӯйи ту мешавад.

**Ӯзбакбойи РАҲМОН,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти НАВОӢ.*



# ҲИССИ МЕҲРУ ИФТИХОР АЗ ВАТАН

***Ба хидмати сарбозӣ даъват шудани ҷавонон дар ин шабонарӯз ба вуқӯъ мепайвандад ва то охири моҳи март давом мекунад. Ин анъанаи хос бо баргузории чорабиниҳои гуворо хотирмон мебошад.***

Дар Агентии иттилоот ва коммуникатсияи оммавӣ бо ташаббуси Вазорати дифоъ доир ба «Натиҷаҳои рақамисозии фаъолияти дифоъ ва ҷараёни кор ба хидмати ҳарбӣ» нишасти матбуотӣ баргузор гардид.

Дар чорабинӣ мушовири вазири дифоъ доир ба масъалаҳои ахбори сиёсӣ – котиби матбуот, полковник Отабек Юлдошев таъкид кард, ки имсол низ дар асоси қарори Президент «Дар бораи ба хидмати фаврии ҳарбӣ даъват кардани шаҳрвандони Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва ба захира фиристондани онҳое, ки дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳ муддати хидмати муқарраршударо сипарӣ кардаанд» аз 12 феврали соли 2024, чунин маросимҳо роҳандозӣ мешаванд.

Ба хидмати сарбозӣ даъватшудагон аз фарзандони коргару деҳқон, олиму соҳибкор, муаллиму муҳандис, хидматчии ҳарбӣ ва амсоли онҳо иборатанд. Инчунин сол то сол шароити зисти хидматгарони ҳарбӣ беҳтар мегардад. Дар дили ҷавонон шавқи хидмат дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳ дучанд меафзояд.

Ҷасорату мардонагӣ ва намунаи олии ватанпарварии ҳарбиёнро танҳо касе амиқ дарк мекунад, ки бевосита дар машқҳои ҳарбӣ иштирок карда ва онҳоро бо чашми худ дидааст. Адои хидмати ҳарбӣ вазифаи пурифтихоре мебошад, ки ҳар як ҷавонмарди кишварамон онро барои худ шараф медонад. Ин таманноҳо, бешак, дар дили онҳо нисбат ба Ватан ва якпорчагии обу хоки он ҳисси меҳру ифтихор тавлид месозад.

Дар поёни чорабинӣ намояндагони Вазорати дифоъ ба саволҳои журналистон ба таври муфассал ҷавоб гардонданд.

**Далер АЗИЗОВ,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик».**

Варзиш

# ДИЁРА – ҒОЛИБИ МУТЛАҚ

***Дар пойтахти Озарбойҷон – шаҳри Боку мусобиқаи байналхалқии «Тоскулоҳи бузург» оид ба намуди дзюдо баргузор гардид, ки аз Ӯзбекистон, устоди варзиш Диёра Келдиёрова медали тиллоро ба даст овард.***

– Дар зинаи ниҳоӣ рақиби ман аз Италия Одетта Гиуффорида буд,– гуфт Диёра, – мо, ҳар ду барои пирӯзии худ талош варзидем, ҳакамон дасти маро баланд бардоштаанд, ки парчами кишвари азизамон зери мадҳияи мо алвонҷ хӯрд. Инчунин эълон гардид, ки ман барои рейтинги бозиҳои олимпии Париж – 2024 ва чемпионати ҷаҳон 1000 холро ба даст овардаам.

Мақсади ман дар олимпиадаи навбатӣ ба шоҳсуфаи баланд баромада, кишвари азизамонро боз ҳам машҳур кардан аст.

Бояд таъкид намуд, ки Диёра Келдиёрова дар шаҳри Ҷумъаи ноҳияи Пастдарғами вилояти Самарқанд чашм ба олами ҳастӣ кушода, аз бачагӣ бо варзиш машғул мебошад. Вай то имрӯз якчанд маротиба чемпиони Ӯзбекистон ва Осиёи Марказӣ гардида, дар мусобиқаҳои «Тоскулоҳи бузург» панҷ карат ғолиб омад.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик»**
**дар вилояти Самарқанд.**

***Дар вилоятамон бо мақсади офаридани шароитҳои зарурӣ барои рушди намудҳои эко ва экстремалии сайёҳӣ аз ҷониби роҳбари давлатамон Қарор «Дар бораи чораҳои ташкил намудани фаъолияти минтақаи сайёҳӣ – рекреатсионии «Оҳалик — Оқбӯйро — Миронқул» имзо гардид.***

# ДАР САМАРҚАНД МИНТАҚАИ НАВИ САЙЁҲӢ ТАШКИЛ МЕШАВАД

Қарор оиди ба комиссияи ҳукуматӣ дар муддати як моҳ тақдим кардани таклифҳо роҷеъ ба ташкил намудани фаъолияти минтақаи рекреатсионии сайёҳии «Оҳалик — Оқбӯйро — Миронқул» таҳияи сарнақшаи минтақа то 1-уми августи соли равон ва дигар кардани тоифаи заминҳои зарурӣ, инчунин ташкили шуъбаи ҳифзи сайёҳии бехатарии Садорати корҳои дохилӣ дар минтақа ва дигар вазифаҳо чораҳо муайян карда шудаанд.

Бо мақсади таъмини иҷрои қарори мазкур дар ҳокимияти ноҳияи Самарқанд бо иштироки ҳокими вилоят Э. Турдимов ҷамъомад гузаронида шуд.

Дар он чораҳои рушди маҷмӯии соҳаи сайёҳӣ дар атрофи минтақаи сайёҳӣ, ки бо қарор тасдиқ гардидаанд, инчунин масъалаҳои татбиқи барномаи рушди инфрасохтори минтақаи сайёҳӣ ва роҳнақлиёте, ки ба он мебарад, инфрасохтори меъморӣ – коммуникатсионӣ ва истеҳсолот муҳокима карда шуданд.

Аз ҷониби садорати сайёҳӣ, ҳокимияти ноҳия ва дигар масъулон оид ба корҳои амалии минтақаи сайёҳӣ лоиҳаҳо тақдим карда шуданд.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар**
**вилояти Самарқанд.**

Шодбош

# ТАВОНО БУВАД, ҲАР КӢ ДОНО БУВАД...

***Доктори фанҳои биологӣ, фарзанди фарзонаи Самарқанд, ҷонишини директори Институти кимиёи генетикаи иммунологӣ ва тиббии Русия, профессори кафедраи такмили ихтисоси клиникаи иммунологии Пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии Маскав Ҳаким Истамов 75-сола шуд.***
***Иншои мо аз зиндагиномаи ибратомӯзи соҳибҷашн муште аз хирвор аст.***

## ЁДЕ АЗ БАЧАГӢ

Ӯ 23-юми феврали соли 1949 дар оилаи сулолаи машъалафрӯзи Самарқанд, нахустин муҳаррири рӯзномаи «Овози тоҷик», шоир ва фаъоли ҳаракати ҷадидӣ Абдуқаюм Қурбӣ чашм ба олами ҳастӣ кушод. Додари бобояш Ҳайдарамак барои табрик омад ва пурсид:

– Фоиза чӣ кӯдак кард?

– Писарча, – ҷавоб дод бибиаш.

– Хеле нағз, – бо ҳисси шодмонӣ гуфт Ҳайдарамак, – номашро Ҳаким мегузорем.

– О, бо чунин исм дар Душанбешаҳр набера дорем-ку, – эътироз баён карданӣ шуд модаркалон, – ин чӣ хел мешавад?

– Вай дар Тоҷикистон, ин дар Самарқанд, – қатъӣ гуфт амакбобо. Ин набера вай небераро ба ёд меоварад.

Ҳамин тавр, тифлак номи Ҳакимро гирифт, ки маънои табибро дошт.

Вақте кӯдак шашмоҳа шуд, падараш Ислом Истамов директори Омӯзишгоҳи мевасабзавоти ба номи Мичурин таъин гардид, ки дар ҳудуди ноҳияи Роҳи оҳан воқеъ буд. Барои оилаи директор ҳавлӣ доданд, ки дар шафати омӯзишгоҳ буда, қариб 0,30 хол замини кишт ва ҳатто гови ҷӯшоӣ дошт. Фоизахола аз шири гов ширчой мепухт, қаймоқ мегирифт, ҷурғот мехобонд.

Соли 1951 Худо ба онҳо шашум фарзандро дод, ки Римма ном гузоштанд. Боре модараш барои хариди озуқа ба мағоза рафт ва дар даромадгоҳи он зани муштипари солхӯрдаро дид, ки сари ду по нишаста зорзор гиря мекунад. Фоизахолаи раҳмдил аз ӯ пурсид, ки чаро оби дида мерезад?

– Писари бадмастам аз хона пеш кард, – дарди ҳол мекунад зан, – пул надорам, ки нон хараму хӯрам…

Фоизахола ӯро ба хонааш оварда ишкамашро сер мекунад ва хобгоҳ ёфта медиҳад. Ана ҳамин тавр дар оилаи онҳо Сима ном бибиҷони нав пайдо мешавад, ки ба модари серфарзанд ёрдамчии беминнат гардид. Ва ӯ ғайр аз бачабардорӣ ба модараш забони русиро меомӯхт. Гап дар сари он буд, ки сардори оила 23-юми июни соли 1941 барои дифои Ватан ариза навишт ва ба шаҳри Душанбе рафт, ки дар он ҷо қисми ҳарбии миллӣ ташкил меёфт. Ислом Истамови ватанпарвар ба ҳамсараш хабар дод, ки дар моҳи август ба ҷанг мераваду барои хайрухуш ба пойтахти Тоҷикистон ояд. Фоизахола, ки забони русиро намедонист, дар роҳ бо фарзандонаш ниҳоят азоб кашид.

Воқеан Ислом Истамов баъди ғалаба бар фашистони олмонӣ дар набардҳои шадид бар зидди таҷовузкорони ҷопон ҳам иштирок карда, соли 1947 ҳамчун қаҳрамон ба зодгоҳ баргашт.

Дар шафати ноҳияи Роҳи оҳан боғчаи бачагон низ арзи вуҷуд дошт, ки Ҳаким дар он тарбия гирифт ва аз ҷӯрачаҳои русу арман забони Пушкину Толстойро бештару хубтар омӯхт.

– Аз боғчаи бачагона хотираи нек боқӣ монд, – мегӯяд Ҳаким Исломович. – Айёми хурсандӣ, беғамӣ, дарки олам, бозиҳои шавқовар, меҳрубонии тарбиягарон буд, он айём. Сипосгузорам аз мураббии меҳрубон Римма Фолиничина, ки ниҳоят пуртоқат буд ба ҳазлу беадабӣ ва тартиботро вайрон кардани мо – бачаҳои чун тойчаҳои беқарор. Суруд хондан, ба сайру саёҳат рафтан, зодрӯзро ҷашн гирифтан ба ҳама хурсандӣ мебахшид.

Маҳз ҳамон Римма Фолиничина ба ман номи дуюм – Славикро дод, ки аз калимаҳои «Слава советской Армии» таркиб ёфта, зодрӯзам 23-юми феврал рӯзи таъсисёбии Армияи шӯравӣ буд. Фақат дар хона волидайн Ҳаким мегуфтанду халос.

Ҳаким Истамов соли 1956 ба синфи якуми мактаби рақами 43-юми шаҳри Самарқанд рафт, ки таълимгоҳи мазкурро ҳамаи 9 нафар аҳли оилаи онҳо хатм карда буданд. Сардори таълимгоҳ Андрей Злобик марди ҷиддӣ ва серталаб буд, вале барои омӯзгорону толибилмон меҳрубонӣ зоҳир мекард.

## МАРД БА ҲУНАР НОМ ГИРАД

Гарчанд сардори оила Ислом Истамов котиби аввали ноҳия буд, аммо вақт пайдо карда бо зану фарзандонаш дар қитъаи назди ҳавлӣ бо деҳқонӣ ва боғбонӣ машғул мешуд. Маҳз маҳсулоти обчакорӣ – помидор, картошка, бойимҷон, бодиринг, пиёз, кабудӣ ва ғайра аз замин мерӯид. Боре Ҳакими 14-сола бо каландча бехи ниҳоли помидорро нарм мекард, шавҳари хоҳараш – муаллими



факултаи биологияи Донишгоҳи давлатии Самарқанд Назир Амирхонов омад ва ба деҳқонбачаи хурдсол маслиҳатҳои муфид дод. Як дафъа маҳлули аҷиберо овард, ки пас аз ба гули помидор чакондан ҳосилаш ду-се маротиба афзуд ва қариб як кило бор зер кард.

Ҳаким пас аз номаи камолро гирифтан ҳуҷҷатҳояшро ба факултаи биологияи Донишгоҳи давлатии Самарқанд супурда, аз имтиҳоноти қабул сарбаландона гузашт. Вай дар мактаби олӣ низ ғайр аз бо баҳои «аъло» таҳсил гирифтан дар корҳои ҷамоатӣ низ фаъол буд. Вақте ки ӯ дар бахши савум мехонд, Назир Амирхонов гуфт, ки ҳамроҳ ба Тоҷикистону Қирғизистон ба сафари илмӣ-тадқиқотӣ хоҳанд рафт.

Дар мошини боркаши донишгоҳ чанд нафар рахти сафар бастанд. Ба гурӯҳ профессор Маматқул Икромов роҳбалад таъин гардид. Нахустин зиёрати онҳо аз боздиди осорхонаи Сардафтари адабиёти тоҷик Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ дар Панҷрӯди Панҷакент оғоз ёфт.

Меҳмоннавозии ҳақиқии тоҷикон дар деҳаи Қистакӯзи Хуҷанди бостонӣ ба вуқӯъ пайваст. Зиёфату сӯҳбат то посе аз шаб гузашта тӯл кашид. Хоб дар зери осмони кушод, ки ситораҳо чашмакзанон гӯё «хайра макдам» мегуфтанду баргҳои дарахт маҳинмаҳин «қарсак мезаданд», ҳама хушҳол ба хоби ноз рафтанд.

Дар тӯли 24 рӯзи сафари эҷодӣ пажуҳишгарони самарқандӣ дониши назариявиро ба амалия пайваста, барои чопи китоби илмӣ хеле маводи зарурӣро ҷамъ карданд.

– Ҳангоми бозгашт аз шоҳроҳи «Тошканд – Самарқанд» воқеаи аҷибе рух дод, – ба хотир меоварад Ҳаким Исломович, – дар роҳ чархи мошини мо кафид ва мо маҷбур шудем то таъмири он таваққуф кунем. «Аз бекорӣ – кадукорӣ» гуфтагӣ барин Назир Амирхонов рустании янтоқро нишон дода фаҳмонд, ки ба лотинӣ он «алхагия» ном дораду ман бояд дар ёд дорам. Зеро дар китобҳои илмӣ қариб ҳамаи рустаниҳо номҳои лотинӣ дошта, барои омӯхтани хусусиятҳои онҳо муҳим.

Чанде пеш Ҳаким Истамов ба нафақа баромаду аммо ҳамон бо корҳои илмӣ машғул аст.

– Ҳоло дар бораи додари модаркалонам – тоғобобом Абдуқаюм Қурбӣ мавод ҷамъ мекунам, ки тӯҳфаест ба муносибати 100-солагии рӯзномаи «Овози тоҷик», ки ӯ аввалин муҳаррираш буд, – нақшаҳои худро гуфт Ҳаким Истамов, – ман инчунин бояду шояд хотироти хешро нависам, ки рӯҳи поки падари бузургвору модари муқаддас, устодонам Назир Амирхонов, Андрей Злобин, академикҳо Николай Дубинин, Мӯсо Ҳаитов, Маматқул Икромов ва дигарон шод гардад. Вохӯрӣ бо Шароф Рашидов, Муҳаммад Осимӣ, олимони намоёни соҳаи экология, иммунология, генетика низ хотирнишин буд. Сафар ба кишварҳои хориҷа низ таъсирбахш буд.

Инак, навбат ба қалам!

Мо аз фурсат истифода бурда ба фидоии илму фарҳанг, Ҳаким Исломович Истамов аз забони ширини Абулқосими Фирдавсӣ мегӯем:

*Тавоно бувад ҳар кӣ доно бувад,*
*Ба дониш дили пир барно бувад.*
*Ба ранҷ андар орӣ танатро, равост,*
*Ки худ ранҷ бурдан ба дониш сазост...*

**Аҳмадҷон СОЛЕЕВ,**
**проректори Донишгоҳи давлатии**
**Самарқанд.**
**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**узви Иттифоқи нависандагони**
**Ӯзбекистон.**

Дар нигористон

# СЕҲРИ МӮЙҚАЛАМ

Дар осорхонаи санъати миниатураи Шарқи ба номи Камолиддин Беҳзод бо ҳамкории Шӯрои ҳунармандони Ӯзбекистон бахшида ба ашъори шоир ва мутафаккири бузург Алишер Навоӣ, шоҳ ва шоир Заҳириддин Муҳаммад Бобур ва мусаввири машҳур Камолиддин Беҳзод намоишгоҳ бо номи «Сеҳри мӯйқалам» ташкил гардид. Дар экспозитсия намунаҳо аз асарҳои хаттот ва мусаввирон бахшида ба симо ва эҷодиёти Алишер Навоӣ, салтанати бобуриён, майдони муҳорибаҳо, тохтутози аспҳо, сарбозони маҷрӯҳу сарбурида, асарҳои сеҳрангези Камолиддин Беҳзод, инчунин лавҳаҳо аз ҳунармандии миллӣ, тарзи зиндагӣ, ҳаёти маънавию мадании мардум ҷой доранд.

**Ҳ. АБДУНАЗАРОВ.**

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-228.
Адади нашр 4280. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр – офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Муҳаррири навбатдор: А. Субҳонов.
Саҳифабанд-дизайнер: Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 23.00

Нишонии мо:
100011 ш.Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337;
Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.

Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.